ҳози ба номи К. Маркси ноҳияи Панҷакент ба китоби «Солномаи шӯҳрати комсомолӣ»-и Иттифоқӣ дохил карда шуд.

КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон моҳи майи соли 1986 ташаббуси пурқиммати колхозҳои ба номи Ждановй ноҳияи Қумсангир, ба номи Ленини ноҳияи Турсунзода, бригадаҳои ҷуворимаккапарварии хоҷагии таҷрибавии «Коммунизм»-и ноҳияи Ленин, колхози ба номи Кирови ноҳияи Восеъро, ки аз ҳар гектар замин 100 центнер ҳосили дони ҷуворимакка руёндани буданд, маъқул донист. Ин ташаббусро бригадаҳои ҷуворимаккапарварии комсомолону ҷавонони ҷумҳурӣ дастгирӣ карданд.

Дар ин солҳо зиёда аз 600 бригадаю звеноҳои хошоктайёркунии комсомолону ҷавонон кор карданд, ки дар онҳо бештар аз 15 ҳазор нафар писарону духтарон иштирок намуданд. Бригадаҳои комсомолону ҷавонон А. Бозоров аз совхози «Мӯъминобод-1»-и ноҳияи Ленинград ва Д. Тоҷиев аз колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанд дар мусобиқа ғолиб баромада, бо Грамотаи комсомоли Тоҷикистон ва тӯҳфаи қимматбаҳо сарфароз гардиданд.

Боғу токпарварӣ ҳам монанди дигар соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ тараққӣ карда, пеш рафт. Шароитҳои табиии Тоҷикистон аз водиҳои Вахшу дарёи Сир то баландкӯҳҳои Помири Ғарбӣ барои вусъат додани боғу токпарварӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар барпо кардани майдонҳои ангур, себу зардолу шаҳрвандони деҳот дар сафҳои пеш меистоданд. Бо дастони пурсамари мардуми ноҳияҳои Ғарм, Колхозобод, Мастчоҳ, Кофарниҳон ба ҳазорҳо гектар замин ниҳолҳои мевадор шинонда, ҳосили зиёд ба даст оварда шуд.

Комплексҳои агросаноатии ба номи Ҷаббор Расулов (Ғозималик), «Колхозчиён» (Панҷакент), «Қаротегин» (Ғарм), «Файзобод» (Файзобод) ва ғайраҳо консерваҳои хушсифати мевагӣ тайёр мекарданд. Мутаассифона, ин комплексҳо низ камбудиҳо доштанд. Онҳо базаҳои калони тайёр кардан ва нигоҳ доштани меваро пайдо карда натавонистанд. Дар натиҷа маҳсулоти боғу токзорҳо нобуд, меваҳо исроф шуда, хоҷагиҳо зарари моддӣ диданд.

Барои саноати хӯрокворӣ ашёи босифат лозим буд, бинобар ин барои ба даст даровардани меваи хушсифат аҳамияти калон дода мешуд. Боғпарварон ба илми агротехника такя карда, бар зидди ҳаргуна касалиҳои зарарнок муборизаи қатъӣ бурда, ҳазорҳо тонна меваро аз талафот нигоҳ медоштанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминҳои лалмӣ майдонҳои ангурпарварӣ барпо намуда, ҳосили баланд ва хушсифат истеҳсол мекард.

Меҳнатдӯстони колхозу совхозҳои ҷумҳуриямон қариб ҳар сол нақшаҳои ба давлат фурӯхтани сабзавотро бомуваффақият иҷро намуда, садҳо тонна помидор, харбуза, тарбуз, ангурро барои аҳолии шаҳрҳои Москва, Ленинград, Свердловск, Новосибирск мефиристонданд.

Хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 50-80-ум бо туфайли ғамхории Ҳукумати Иттифоқ ва ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ мушкилиҳоро паси сар карда, талаботи аҳолиро бо хӯрока ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамуд.

Дар натиҷаи татбиқи сиёсати аграрӣ, хоҷагиҳои хурди коллективӣ муттаҳид гардида, базаи моддӣ-техникии онҳо сол аз сол пурқувват мешуд. Хусусан, бо азхудкунии водии Дилварзин, Мирзочӯл, Бешкент, Данғара, Фахробод, дашти Ашт ва эҳёи заминҳои ноҳияҳои кӯҳистон, ки аҳолии онҳо ба водӣ кӯчонида шуда буданд, садҳо хоҷагиҳои истеҳсолӣ, деҳаҳои нав, шаҳракҳо ба амал омада, маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ зиёд гардид. Тоҷикистон тавонист заминҳои обшорро ба 650 ҳазор гектар расонад, ки аз он 40 фоизашро майдонҳои пахтакорӣ ташкил медод. Ҳар сол аз ин заминҳо ба ҳисоби миёна то 900 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда мешуд.

Дар солҳои 60-ум ислоҳоти иқтисодӣ дар сохаи кишоварзӣ гузаронида шуд, вале муттаасифона, он то охир иҷро нагардид. Дар натиҷа суръати инкишофи кишоварзии ҷумҳурӣ баланд нашуд.

Азбаски мувофиқи тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ Тоҷикистон ба пахтакорӣ шомил буд, ба ғаллакорӣ чандон диққат дода мешуд. Дар ҷумҳурӣ аз заминҳои лалмӣ самарнок истифода намебурданд.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз муваффақиятҳо дар соҳаи кишоварзӣ душворӣ, камбудӣ ва каҷравиҳо дида мешуд. Аввалан, дар бисёр соҳаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ меҳнати дастӣ бартарӣ дошт (хусусан соҳаи чорводорӣ, боғу токпарварӣ); дуввум, на дар ҳамаи ноҳияҳо шароити меҳнату маишати деҳқонон дуруст ба роҳ монда шуда буд; сеюм, бо сабабҳои паст будани дараҷаи таҷҳизоти техникӣ ва механизатсияи равандҳои истеҳсолот дар бештари соҳаҳои кишоварзӣ ҳосилнокии меҳнат паст буд; чорум, дараҷаи ҳавасмандии моддӣ талаботи рӯзгузаронии истеҳсолкунандагонро қонеъ гардонида наметавонист.

# САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ

Воқеан Тоҷикистон дар тӯли ин солҳо ба кишвари зироатӣ ва саноатӣ мубаддал гашта, соҳаҳои гуногуни саноату зироат, сохтмону нақлиёт рӯ ба инкишоф ниҳоданд, пояҳои иқтисодии ҷумҳурӣ устувор гардид...

Саноати Тоҷикистон зиёда аз сад соҳаи саноат ва қариб 400 корхонаҳои азимро дар бар гирифт. Дар ҷануби шарқии ҷумҳурӣ бузургтарин корхонаҳо: корхонаи алюминии Регар, корхонаи электрохимиявии Ёвон, корхонаи нуриҳои азотии Вахш ба кор шурӯъ карданд ва иқтидори иқтисодии мамлакатро афзун гардонданд.

Асоси тавлидоти кишоварзии ҷумҳуриро заминҳои обёришуда ташкил доданд, ки онҳо ба бештар аз 650 ҳазор гектар расонда шуданд. Соҳаҳои асосии кишоварзӣ пахтакорӣ гардид, ки майдони кишти он зиёда аз 40 фоизи тамоми заминҳои корами обиро ташкил дод. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна соле то 900 ҳазор тонна пахта ғунучин карда мешуд, ки сеяки онро навъи пахтаи маҳиннах ташкил медод. Инчунин дар ҷумҳурӣ соле то 300 ҳазор тонна ғалладона, ба миқдори зиёд картошка, меваҷот, сабзавот, ангур, тамоку, пилла, маҳсулоти ситрусӣ, маҳсулоти чорво ва ғайра тайёр карда мешуд.

*Э. Ш. Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён.-С. 103-104.*

## НУТҚИ Ҷ. Р. РАСУЛОВ ДАР МАҶЛИСИ БОТАНТАНА БАХШИДА БА 50-СОЛАГИИ ТАШКИЛ ЁФТАНИ ИҶШС (21-22 ДЕКАБРИ СОЛИ 1972)

...Таҷрибае, ки мамлакати Шӯроҳо ҳосил намуд, боварии яқин мебахшад, ки дар оилаи ягона, дар Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ муттаҳид шудани халқҳои шуравӣ чӣ гуна самараҳои бузург мебахшад.

Халқи тоҷик дар ин оилаи бародарона ба ҳамаи он чӣ ки орзу карда метавонист, соҳиб шуд, шаъну эътибори инсонӣ, ҳаёти

осудаҳолона ва маданӣ, инчунин барои тараққиёти ҳаматарафа имконият, сулҳу амният пайдо кард...

Роҳе ки Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ тай кард, роҳест аз қафомонии феодалӣ ба ғалабаи сотсиализм, аз ҳаёти асримиёнагӣ ба қуллаҳои прогресси ҳозира.

Мо тараққиёти индустрияьиро қариб аз ҳеҷ сар карда, имрӯз дар Тоҷикистон чунин корхонаҳои бузурги энергетикиро, монанди стансияи электрикии обии Норак, ки иқтидори он 2 миллиону 700 ҳазор киловатт мебошад ва агрегатҳои аввалини он аллакай кор мекунанд, сохтем.

Ин 50 сол барои мо мактаби ҳақиқии интернатсионализм буд, ки дар он худи ҳаёт, воқеияти ҳаррӯзаи шӯравӣ муаллимони мо буданд ...

*50-солагии ташкил ёфтани Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ. Ҳисоботи стенографӣ. -Душанбе, 1973. – С.153-165.*

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Солҳои 50-80-ум дар Тоҷикистон кадом соҳаҳои саноат инкишоф ёфтаанд?*

*Кадом заминҳои бекорхобида солҳои панҷоҳум ва шастум аз худ карда шудаанд?*

*Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ дар хоҷагии халқ чӣ гуна нақш бозид?*

*Барои осорхонаи мактаб лавҳаро бо расмҳои Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, ки солҳои 50-80-ум ба ин унвон аз ноҳиятон мушарраф гардида буданд, тайёр кунед.*

*Солҳои 60-80-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом сохтмонҳои зарбдори Умумиттифоқӣ вуҷуд доштанд?*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Комплекси ҳудудӣ – истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ.

–Саҳми ихтироъкорон дар пешрафти прогресси техникӣ дар соҳаи хоҷагии халқи ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 60-80-ум.

–Иштироки занон дар соҳаи механизатсияи пахтакорӣ.

–Фаъолияти ҷавонон дар сохтмонҳои зарбдори Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# БОБИ 4.
# ФАРҲАНГ ВА КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 50-80-ум)

## 1. ПЕШРАВИҲО ДАР СОҲАИ МАОРИФИ ХАЛҚ

Фарҳанг дар ҷомеа ҳамеша мақоми муҳим дошт ва пешрафти тамаддун бо он алоқаи зич дорад. Дар солҳои 50-80-ум ба пешрафти фарҳанги ҷумҳурӣ диққати махсус дода мешуд. Сохтмони маданӣ дар зери роҳбарии бевоситаи ҳизби коммунист сурат мегирифт.

Яке аз самтҳои асосии ҳаёти фарҳангӣ – мактаб ва маориф мебошад. Барои инкишофи он сол аз сол бештар маблағ ҷудо карда мешуд. Агар соли 1953 барои маорифи ҷумҳурӣ 456,2 млн. сӯм ҷудо шуда бошад, пас соли 1960 маблағгузорӣ 657,2 млн. сӯмро ташкил дод. Ба сохтмони биноҳои мактабӣ низ диққат дода мешуд. Соли 1959 дар ҷумҳурӣ 2614 мактаб, соли 1970 – 2780 ва соли 1980 зиёда аз 3200 мактабҳои ҳамагонӣ амал мекарданд. Мактабҳо аз ҳисоби буҷаи давлат ва колхозҳо сохта мешуданд. Дар тӯли солҳои 1959 – 1985 дар ҷумҳурӣ 2382 мактабҳои ҳамагонӣ ва мактаб – интернатҳо сохта шуда, ба кор даромаданд. Шумораи хонандагон низ сол аз сол меафзуд. Соли хониши 1959-1960 дар мактабҳои ҳамагонии ҷумҳурӣ 433,2 ҳазор талаба мехонд, соли хониши 1965-66 бошад 721 ҳазор, соли 1985-86 қариб 1,2 млн. бачагон таҳсил мекарданд. Шумораи духтарон низ меафзуд. Агар соли хониши 1960-61 дар мактабҳои ҳамагонӣ 166,3 ҳазор духтарон хонанд, пас соли хониши 1964-1965 шумораи онҳо ба 219,4 ҳазор расид. Аз соли 1961 то 1985 зиёда аз 1,5 ҳазор талабагон мактаби миёнаро бо медали тилло ва нуқра хатм намуданд. Дар мактабҳои олӣ низ шумораи донишҷӯён меафзуд. Агар соли 1981 дар 10 мактаби олӣ зиёда аз 74 ҳазор донишҷӯ таҳсил намоянд, пас соли 1990 танҳо дар ДДМТ қариб 12 ҳазор донишҷӯ мехонд.

Моҳи марти соли 1959 сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунро «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва инкишофи минбаъдаи маорифи халқ дар РСС Тоҷикистон» қабул намуд, ки мувофиқи он таълими ҳатмии 8 сола ва 11-солаи политехникӣ ҷорӣ гардид.

Дар татбиқи Қонуни Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (марти соли 1959) шӯъбаҳои маорифи ноҳияҳо хизматҳои босазо кардаанд. Масалан, яке аз омӯзгори пуртаҷриба, директори мак-

таби миёнаи рақами 1 ноҳияи Мастчох, сипас роҳбари шӯъбаи маориф, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ғиёсов дар ноҳияи Мастчоҳи нав ташаббускори ташкил намудани бригадаҳои истеҳсолии мактаббачагон гардид. Ин бригадаҳо саҳми арзандаи худро дар ғанӣ гардондани хирмани пахтаи ҷумҳурӣ гузоштанд. Бидуни мушкилӣ ва камбудиҳо чунин бригадаҳо дар тарбияи меҳнатии насли наврас мақоми мусбӣ бозиданд.



*Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳадзоҳид Ғиёсов*

Алоқаи мактаб бо ҳаёт ба воситаи омӯзиши политехникӣ ва меҳнат мустаҳкам мегардид. Аз солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ мактабҳои коргарҷавонон ва ҷавонони деҳот зиёд шуданд. Соли хониши 1958-59 79 мактаби коргарҷавонон ва 103 мактаб барои ҷавонони деҳот амал мекарданд. Алоқаи талабагон бо истеҳсолот мустаҳкам мегардид. Шумораи бригадаҳои истеҳсолии мактаббачагон меафзуд. Агар соли хониши 1961 – 1962 шумораи онҳо 129 бошад, пас соли хониши 1964-65 ба 181 расиданд. Барои кор ба онҳо 774 га. замин ҷудо карда шуда буд, ки дар он пахта, ҷуворимакка ва дигар намуди зироат кошта мешуд. Вале дар баробари муваффақиятҳо таҳсили политехникӣ камбудиҳо низ дошт. Қудрати талабагони мактабҳо ба назар гирифта намешуд, баъзан кор бе нақша сурат мегирифт; баъзе муаллимон саводи кофии техникӣ надоштанд, техникаи пешқадами истеҳсолотро таълим дода наметавонистанд; муассисаҳои саноатӣ ва колхозҳо ба меҳнати талабагон аҳмият намедоданд. Бинобар он аз соли хониши 1964-65 ин мактабҳо аз нав ба таълими 10-сола гузаштанд. Дар солҳои 60-80-ум дар ҷумҳурӣ дар қатори мактабҳои рӯзона таълими шабона амал мекард, ки коргарон мехонданд.

Барои мактабҳои ҷумҳурӣ муаллимони баландихтисос зарур буданд. Солҳои 1951-55 шӯъбаҳои Донишкадаи педагогии Сталинобод дар Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб кушода шуданд, ки барои мактабҳо омӯзгорон тайёр мекарданд. Солҳои 1950 дар ҷумҳурӣ 52 мактаби миёнаи махсус, се институти педагогӣ, институти такмили ихтисоси муаллимон амал мекард.

Соли 1953 дар Душанбе институти педагогии занона кушода шуд, ки соли 1957 бо институти педагогӣ муттаҳид гашт. Соли 1956 институти политехникӣ кушода шуд, ки барои ҷумҳурӣ кадрҳои инженерӣ тайёр мекард. Соли 1970 дар 7 мактаби олӣ 44,5 ҳазор донишҷӯ, дар мактабҳои миёнаи махсус зиёда аз 35 ҳазор талабагон мехонданд. Гарчанде шумораи омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар солҳои 90-ӯм 96,8 ҳазор нафарро ташкил диҳанд ҳам, вале муаллимони ихтисоснок намерасиданд. Дар баланд бардоштани савияи дониши педагогии муаллимон мактабҳои таҷрибаи пешқадам саҳми босазо гузоштанд. Танҳо соли хониши 1964-65 шумораи онҳо ба 341 расид.

Дар солҳои 50-80-ум дар соҳаи маориф ба пурқувват намудани базаи моддӣ-техникии мактабҳо, таъмини сифати таълим, чоп намудани китобҳои дарсӣ ва барномаҳо низ диққат дода мешуд.

Ба мушкилиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва камбудиҳои базаи моддӣ-техникӣ нигоҳ накарда, талабагон ва донишҷӯён бо ёрии устодон асосҳои илмро аз худ мекарданд. Барои меҳнати душвору пурсамари худ ҳазорҳо муаллимон сазовори ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ гардидаанд. Соли 1968 муаллимаи мактаби миёнаи №53-и ш. Душанбе Муҳаббат Маҳмудова ва директори мактаби ба номи Чапаеви Конибодом Ҳабиба Каримова сазовори унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ гаштанд.



*Омӯзгор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Муҳаббат Маҳмудова*

Дар мактабҳои олӣ ба донишҷӯён аксаран омӯзгорони унвондор дарс мегуфтанд. Дар байни онҳо профессорон М. Нарзиқулов, З.Ш. Раҷабов, Ш. Ҳусейнзода, Қ. Ҷӯраев, Ю. Исҳоқӣ, М. Эркаев, С. Юсупова, Д. Тоҷиев, В. Асрорӣ ва садҳо дигарон буданд, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ доштанд.

## 2. ИЛМ, АДАБИЁТ, САНЪАТ ВА ИДОРАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50-80-ум дар соҳаи илм, адабиёту санъат муваффақиятҳои калон ба даст даровард. Кор-

мандони фарҳанг дар тарбияи насли наврас саҳми худро мегузоштанд.

Пешрафти ҷомеа ба иқтисодиёти тараққикарда ва прогресси илму техника вобаста аст. Бо таъсис ёфтани Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (14 апрели соли 1951) корҳои илмӣ дар пажӯҳишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ рӯ ба инкишоф гузошт. Дар таъсиси академия Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Б.Ғ. Ғафуров ва нависандаи дӯстдоштаамон, аввалин президенти АИ Ҷумҳурӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон С. Айнӣ хизматҳои босазо карданд.

Академик Б.Ғ. Ғафуров натанҳо ташкилотчии илм дар Тоҷикистон, балки зиёда аз 400 асару мақолаҳои илмӣ оиди таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумиҷаҳонӣ дар нашриётҳои гуногун чоп карда, мактабҳои калони таърихчиён ва шарқшиносонро асос гузоштааст.

Солҳои 50-80-ум дар Тоҷикистон ба инкишофи илм аҳамияти калон дода мешуд. Дар ҷумҳурӣ ва дар нашрияҳои хориҷӣ китоб ва мақолаҳои олимони Тоҷикистон чоп гардиданд. Дар АИ Тоҷикистон мунтазам конференсия ва симпозиумҳои илмӣ дар мавзӯъҳои актуалӣ ва баҳсталаб гузаронида мешуданд.

Дар ин солҳо АИ Тоҷикистон ба маркази тадқиқотии соҳаҳои мухталифи илми ҷумҳурӣ табдил ёфт. Дорусозон, хокшиносон, зилзиласанҷҳо, биологҳо умуман олимони соҳаи илмҳои дақиқ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ном бароварда, мактабҳои худро бунёд карда буданд. Тоҷикистон бо номҳои Б.Ғ. Ғафуров, Б. Искандаров, С.У. Умаров, З.Ш. Раҷабов, С.А. Раҷабов, А.А. Семёнов, А.М. Баҳоваддинов, В.П. Красичков, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ҳ. Назаров, Ғ. Ашӯров, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода ва дигарон фахр мекунад. Олимони ҷумҳурӣ бо мақсади тадқиқи масъалаҳои илмӣ дар кори ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ СММ, ЮНЕСКО, ОСКАР ва ғайраҳо иштирок доштанд ва доранд. Баъзе лабораторияҳо ва донишкадаҳои АИ ҷумҳурӣ (пажӯҳишгоҳи зилзиласанҷӣ, астрофизика) аз рӯи барномаи байналмилалӣ тадқиқот мебаранд. Ҷадвали Менделеевро боз як кристалли олим Р. Баротов пурра кард. Дар кайҳон сайёраи Сотиболдиев кашф гардид. Олимон М. Осимӣ, У. Мирсаидов, А. Мухторов, Ю. Носиров, Б. Сангинов, П. Бобоҷонов, Ҳ. Мансуров, М. Ғуломов, А. Пӯлодов ва дигарон аз минбарҳои баланди конфрронсҳои илмии байналмилалӣ баромад карда, соҳиби унвонҳои даҳҳо марказҳои илмии давлатҳои хориҷӣ шуданд.

Дар ин солҳо ба тайёр кардани кормандони илмӣ диққат дода мешуд. Агар соли 1960 дар ҷумҳурӣ 2154 кормандони илм бошанд, пас соли 1983 шумораи онҳо ба 8159 нафар расид. Хусусан шумораи докторон ва номзадҳои илм афзуд. Чунончӣ, аввали солҳои 60-ум дар ҷумҳурӣ 33 доктор ва 433 номзадҳои илм бошанд, дар солҳои 80-ум 208 нафар доктор ва 2811 номзадҳои илм ба корҳои тадқиқотӣ машғул буданд. Хусусан, ҷорӣ кардани ҷоизаҳои ҷумҳуриявии ба номи Абӯали ибни Сино, комсомоли Тоҷикистон барои тадқиқотҳои беҳтарини илмӣ ҳавасмандии кормандони илмро баланд намуд.

Дар солҳои 50-ум адабиёти тоҷик анъанаҳои классикӣ, мавзӯъҳои эҷодии пештараро сайқал дода, ба мавӯъҳои ҷанг ва сулҳ бештар аҳамият медодагӣ шуд. Нависандагоне, ки иштирокчии ҷанг буданд, ба маводҳои давраи ҷанг муроҷиат карданд. Онҳо имконият доштанд, ки воқеаҳои майдони ҷангро амиқтар тадқиқ, таҳлил ва тасвир намоянд, то ки моҳияти он ҷасорат, қаҳрамонӣ, мардонагии шаҳрванди Шӯравӣ ва сарчашмаҳои ғалабаро нишон диҳанд. Дар байни ин асарҳо тасвирҳои хотиравӣ характери лирикӣ-романтикиву эпикии наср мушоҳида мешавад. Очеркҳои А. Лоҳутӣ «Меҳри Москва» (1950), повести С. Улуғзода «Навобод» (1950), Ҷ. Икромӣ «Шодӣ» ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст.

Устодони адабиёти тоҷик С. Айнӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ф. Ниёзӣ дар тайёр намудан ва ба камол расондани шоирон ва нависандагон аз байни ҷавонон ҳиссаи бебаҳо гузоштанд. Асарҳои С. Айнӣ «Ёддоштҳо», М. Турсунзода «Ҳасани аробакаш», «Садои Осиё», «Қиссаи Ҳиндустон», Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ», Р. Ҷалил «Шӯроб», С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо», П. Толис «Тобистон», песаҳои шоир-драматург Ф. Ансорӣ дар маънавиёти шаҳрвандонамон ва тарбияи ҷавонон таъсири мусбат расондаанд.

Мавқеи адабиёт дар баланд бардоштани савияи умумии шаҳрвандон афзуда, шоир ва нависандагон асарҳои нави бадеӣ эҷод менамуданд. Солҳои 60-80-ум асарҳои бадеӣ асосан аз нигоҳи реализми сотсиалистӣ, партиявият ва синфият офарида мешуданд. Дар баробари устодони шинохта, як зумра ҷавонон ба саҳнаи бадеӣ баромаданд, ки бо асарҳои офаридаашон зуд дар байни халқ маълуму машҳур гардиданд. Шоирон ва нависандагони соҳибистеъдод М. Фарҳат, М. Қаноат, Ф. Муҳаммадиев, Л. Шералӣ, А. Қаҳҳорӣ, Қ. Кином, А. Сафар, У. Раҷаб,

Ғ. Мирзо, А. Ҳаким, Ю. Акобиров, М. Хочаев, Б. Расо, М. Ҳакимова, М. Шералӣ, С. Маъмур, О. Аминзода ва дигарон асарҳои тоза офарида, хусусан дар тарбияи насли наврас саҳми босазо гузоштанд. Қисми зиёди онҳо соҳиби ҷоизаҳои гуногуни иттифоқӣ ва ҷумҳуриявии ба номи Рӯдакӣ ва баъзе аз онҳо соҳиби ҷоизаҳои давлатҳои дигар, аз ҷумла ба номи Ҷ. Неҳру, гардиданд. Гузаронидани даҳаҳои адабиёти ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ анъана шуда буд. Тоҷикистониҳо бо дастовардҳои адабиёти Иттиҳоди шӯравӣ ва ҷаҳонӣ бохабар мегаштанд. Беҳтарин асарҳои ин солҳо «Суруши Сталинград»-и М. Қаноат, «Ҳар беша гумон мабар, ки холист»-и Ф. Ниёзӣ, «Тахти вожгун»-и Ҷ. Икромӣ, «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода, «Замини падарон»-и Ю. Акобиров ба ҳисоб мерафтанд.



*Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ*

Дар замони шӯравӣ дар баробари инкишофи санъати халқӣ, санъати касбии тоҷик ташаккул ёфт. Устодони санъат М. Қосимов, С. Тӯйбоева, Т. Фозилова, А. Ҷӯраев, А. Бобоқулов, Ҳ. Мавлонова, Л. Зоҳидова, Ғ. Валаматзода, А. Азимова, Ш. Қиёмов дар шоҳроҳи санъат саҳми босазо гузоштанд.

Солҳои 50-60-ум дар қатори устодони номии санъатамон як зумра ҷавонони боистеъдод М. Воҳидов, М. Собирова, Ҳ. Гадоев, Ҷ. Муродов, З. Нозимов, О. Ҳошимов ва бисёр дигарон ба майдон омаданд, ки онҳо бо репертуар ва асарҳои эҷодкардаашон дар байни мардум маҳбубият пайдо карданд.

Беҳтар гардидани кори муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, театрҳои халқӣ, дастаҳои ҳаваскорони бадеӣ ва монанди онҳо ба тарбияи шаҳрвандонамон таъсири мусбӣ расонданд.

Санъаткорони тоҷик дар ин солҳо «Гунаҳгорони бегуноҳ»-и А. Островский, «Роҳ сӯи бахт»-и Ф. Ансорӣ, «Гвардияи ҷавон»-и А. Фадеевро дар саҳнаҳои театрҳои А. Лоҳутӣ ва В. Маяковский намоиш медоданд. Театрҳои халқии ҷумҳурӣ садҳо намоишномаҳо тайёр карда, ба воситаи сафарҳои ҳунарии худ

онҳоро намоиш медоданд. Озмунҳои гуногуни санъат гузаронида мешуданд. «Бӯстон»-ҳо, гуруғлихониҳо анъана шуда буданд. Ин озмунҳо номҳои овозхонҳо Зафар Нозимов, Муқаддас Набиева, Ҷӯрабек Муродов ва даҳҳо дигаронро ба арсаи санъат ворид сохтанд.



*Бинои сирки Тоҷикистон*

Санъати сарояндагӣ, навозандагӣ, театрӣ ва синои тоҷик хело инкишоф ёфт. Сарояндагони мумтоз Ҳанифа Мавлонова, Тӯҳфа Фозилова, Раъно Ғолибова, Барно Исҳоқова, Акашариф Ҷӯраев, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Аҳмад Бобоқулов, Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов, Одина Ҳошим, Ҳусейн Насриддинов, Лайло Шарифова, Боймуҳаммад Ниёзов ва садҳо дигарон ба дилу дидаи мардум роҳ ёфта буданд. Маҳз дар ҳамин солҳо шумораи театрҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ зиёд гардиданд. Дастаи давлатии рақсии «Лола», «Рубобчидухтарон» машҳур шуданд. Ансамблҳои эстрадии «Гулшан», рақсии «Зебо» низ ҳамаро мафтун мекарданд. Театрҳои халқии ноҳиявӣ пурзӯру сермаъолият шуданд.



*Ситораи балети тоҷик Малика Собирова*

Ҳарчанд аз замонҳои қадим халқи тоҷик дорои ҳунари сиркӣ бошад ҳам, вале танҳо солҳои 60-уми асри XX сирки касбии миллӣ ташаккул ёфт. Соли 1968 бо қарори Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ дар ш. Душанбе сирки тоҷик ташкил ёфта, 22 апрели соли 1970 бори аввал барномаи мукаммали худро намоиш дод. Ҳунармандони сирк инчунин дар кишварҳои хориҷӣ баромад намуда, санъати бои халқи тоҷикро ба мардуми ҷаҳон муаррифӣ карда истодааст.

Киноi тоҷик бо филмҳои «Ман бо духтаре вохӯрдам», «Қисмати шоир», «Коваи оҳангар», «Рустам ва Сӯҳроб» машҳур гардид. Номи Б. Кимёгаров ҳамчун режиссёр дар ҷаҳон машҳур гардид. Филми «Қисмати шоир» дар кинофестивали Қоҳира (1960) ҷои аввалро гирифт ва соҳиби ҷоизаи «Уқоби тиллой»-и фестивал шуд. Филми мазҳакави мусиқии «Ман бо духтаре вохӯрдам» дар 60 мамлакати ҷаҳон намоиш дода шуда, соли 1958 дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё ва Африка ба ҷоизаи «Гулдони калон» сазовор гардид. Солҳои 50-ум филмҳои «Дохунда» ва «Одамони кишвари офтобӣ» ба навор гирифта шуданд.

Барномаҳои театрҳои Тоҷикистон ба намоишҳои нав бой гардиданд. Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, театри академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ спектакли Ғ. Абдулло «Тӯфон», операи «Пӯлод ва Гулрӯ»-и Ш. Сайфитдинов, «Шӯриши Восеъ»-и С. Баласанян, спектакли «Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода, балети «Диловар»-и Ленский ва даҳҳо асарҳои дигарро ба саҳна гузоштанд, ки ролҳои асосиро М. Қосимов, С. Тӯйбоева, Х. Назарова ва Т. Фозилова бозидаанд. Артистони филармонияи давлатии Тоҷикистон, театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, М. Собирова, А. Носирова, Л. Зоҳидова, Ҳ. Мавлонова, Л. Кабирова, А. Бобоқулов бо санъати волои худ машҳур гардиданд.

Дар таърихи фарҳанги тоҷик даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва (апрели соли 1957) ва фестивали умумиҷаҳонии ҷавонону донишҷӯён (с. 1957) дар Москва, ҷашни 1100-солагии А. Рӯдакӣ (1958), 25-солагии ҶШС Тоҷикистон (1954) воқеаҳои бузург буданд.

Санъати солҳои 60-80-уми халқи тоҷик сифатан ва мазмунан ғанӣ гардид. Як зумра ҷавонони боистеъдод дар соҳаи санъати овозхонӣ, рассомӣ асарҳои пурмазмун офариданд. Дар ҷумҳурӣ кушода шудани Театри ҷавонон ба номи М. Воҳидов (с. 1971) ва ташкил ёфтани дастаҳои бадеӣ дар назди филармонияи давлатӣ, радио ва телевизион низ воқеаи муҳими фарҳангӣ буд. Танҳо дар зарфи солҳои 1981-1989 дар саҳнаи театрҳо 165 спектаклҳои нав намоиш дода шуданд, ки меҳнаткашонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва дӯстии халқҳо тарбия карда, шаҳрвандонро даъват мекарданд, ки баҳри мустаҳкам кардани сулҳ дар рӯи замин мубориза баранд.

Тоҷикистон равобити фарҳангиро сол аз сол бештар менамуд. Равобит дар шаклҳои гуногун: аз гузаронидани рӯзҳои

Тоҷикистон, иштирок дар фестивалу конгрессҳо, мубодилаи ходимони илму адабиёт, санъат, додугирифти китобҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ барпо мегардид. Барои ҳунари волояш Ҷ. Муродов сазовори унвони Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ (1979) гардид. Ҳунарпешагон М. Воҳидов, Г. Завқибеков, А. Муҳаммадҷонов, Ҳ. Гадоев, М. Исоева тамошобинонро мафтун мегардонданд.



*Меҳмонхонаи Душанбе*

Композиторони тоҷик З. Шаҳидӣ, Ф. Солиев, Ф. Шаҳобов, Ш. Сайфиддинов, Я. Сабзанов, Ф. Одинаев дар ҳамин солҳо ба камол расидаанд.

Санъати меъморӣ ва рассомӣ низ дар равнақи маданияти миллӣ саҳмгузор мебошад. Биноҳои пурҳашамати Сирк, меҳмонхонаҳои «Душанбе», «Тоҷикистон», қасри «Кохи Борбад», чойхонаи «Роҳат», «Исфара», «Зарафшон», «Ором», истироҳатхонаҳои «Хоҷа Обигарм» аз дастовардҳои санъати меъморону рассомон шаҳодат медиҳанд.

Суръати баланди пешрафти маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистии тоҷик то як андоза хусусиятҳои миллии худро нигоҳ медошт.

Дар ҷумҳурӣ ба инкишофи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ диққат дода мешуд. Шумораи клубҳо, китобхонаҳо, қасрҳои маданият, осорхонаҳо сол аз сол меафзуд. Агар соли 1958 дар ҷумҳурӣ 5 осорхона, 1017 клуб, 18 боғи истироҳатӣ, 818 китобхонаи ҷамъиятӣ бошад, пас солҳои 80-ум 1,6 ҳазор китобхонаи ҷамъиятӣ, 22 театру осорхонаҳо, 27 боғи истироҳат, 700 мағозаҳои китобфурӯшӣ, 1319 клубҳо, 1178 университетҳои халқӣ, зиёда аз 800 маҳфилҳои худфаъолиятӣ, 129 ҳазор нуқтаи радио барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ хизмат мекарданд.

Дар солҳои 50-80-ум матбуот низ саҳми худро дар ҳаёти сиёсии ҷамъият гузошт. Агар соли 1960 дар Тоҷикистон 7 рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, 47 ноҳиявӣ, 16 маҷалла бо забони тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ мебаромада бошад, пас охири солҳои 80-ум зиёда аз 100-рӯзномаю маҷаллаҳо нашр мешуданд, ки дар

саҳифаҳои онҳо ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон инъикос меёфт.

Бо максади минбаъд инкишоф ёфтани фарҳанги миллӣ Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон 22 июли соли 1989 Қонунро «Дар бораи ба забони тоҷикӣ додани макоми давлатӣ» қабул намуд, ки вай дар баланд шудани сатҳи маданӣ ва сиёсии шаҳрвандонамон саҳм гузошта истодааст.

## 3. КОРИ ТАРБИЯВИИ БАЙНИ ШАҲРВАНДОН

**Мақоми ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар кори тарбиявӣ**

Яке аз самтҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ин тарбияи шаҳрвандон мебошад. Ҳар як сохтор, мамлакат дар давраҳои гуногун барномаи хоси идеологии худро тартиб дода, вазифаҳои мушаххаси идораҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамиятиро дар кори тарбиявии байни аҳолӣ муайян менамояд.

Солҳои 50-80-ум Тоҷикистон, ки як узви ҷудонашавандаи ИҶШС буд, дар партави нишондодҳои ташкилотҳои роҳбарикунандаи марказии мамлакат нақша тартиб дода, дар асоси он кори тарбиявиро анҷом медод. Маълум аст, ки Ҳокимияти Шӯравӣ ба идеологияи марксистӣ такя намуда, дар асоси он барномаи кори тарбиявии байни шаҳрвандонро тартиб дода буд. Самтҳои асосӣ ва шаклу усулҳои кори тарбиявӣ дар Барномаи сеюми Ҳизби коммунистӣ (с. 1961) равшан инъикос ёфта буданд. Дар он роҳҳои зерини тарбия асоснок шуданд: тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳи идеалҳои марксистӣ, баланд бардоштани маданияти умумии шаҳрвандон, аз ҷумла тайёр кардани мутахассисоне, ки корҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ӯҳдабароёна роҳбарӣ карда тавонанд; ташкили тарбияи ватандӯстӣ ва интернатсионалӣ; дар шаҳрвандон парваридани ахлоқу одоб, мубориза бурдан бар зидди зуҳуроти худпарастӣ, тангназарӣ ва психологияи молу мулкпарастӣ; пурзӯр намудани тарбияи меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва ғайра.

Иҷроиши нақшаҳои истеҳсолӣ ба кори тарбиявии шаҳрвандон алоқаи зич дошт. Бинобар ин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ бо истифодаи воситаҳои ахбор ва идораҳои маданӣ-маърифатӣ кори пурсамари тарбиявӣ мебурданд.

Дар корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо дараҷаи маълумот, синну сол, хусусиятҳои миллӣ ва касбиро ба назар гирифта, шаклҳои гуногуни омӯзиши сиёсиро ташкил медоданд.

Дар назди ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ Шӯрои координатсионӣ оид ба кори идеологӣ амал карда, барои пешравии кори тарбиявии байни шаҳрвандон тадбирҳо меандешиданд. Оиди ташкили кори табиявӣ хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб гирифта мешуд. Масалан, дар вақти ташкили кори тарбиявӣ дар байни ҷавонон ба идораҳои давлатӣ, ба комитетҳои комсомолӣ такя мекарданд, дар байни хонумҳо Шӯроҳои занон ва духтарон, байни коргарон ва хизматчиён бошад Иттифоқҳои касаба, дар тарбияи зиёиён Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи рассомон, Иттифоқи бастакорон ва ғайра фаъолият нишон медоданд.

Дар кори тарбиявӣ ҳизби коммунистӣ, Шӯроҳо, Иттифоқҳои касаба, комсомол, Шӯроҳои занону духтарон ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбор ва идораҳои маърифатӣ кӯмаки амалӣ мерасонданд.

Созмонҳои ҷамъиятӣ метавонистанд барои амалӣ гардидани барномаҳои тарбиявии худ аз воситаҳои ахбор аз ҷумла радио, телевизион низ истифода намоянд. Ташкилотҳои комсомолӣ, зери роҳбарии бевоситаи комитетҳои ҳизбӣ барои баланд бардоштани шуурнокии ҷавонон тамоми омилу воситаҳои идеологӣ: тарғибу ташвиқ, ахбори сиёсӣ, омӯзиши техникӣ ва маълумоти умумӣ, кори маданию сиёсӣ ва ғайраро истифода мебурданд. Роҳи асосии кори тарбиявии байни ҷавонон мубориза барои таъсирбахшӣ ва аниқии тамоми шаклҳои тарбия мебошад, ки бо вазифаҳои сохтмони ҷомеа алоқаманд буданд.

Қайд кардан муҳим аст, ки комсомоли ҷумҳурӣ дар байни ду даҳсола мутаасил нақшаи комплексии кори сиёсию тарбиявиро тартиб дода буд. Дар вақти тартиб додани нақша на танҳо тафовутҳои гурӯҳҳои иҷтимоии ҷавонон, синну сол, маълумот, ҷинс, балки баъзе хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ низ ба назар гирифта мешуд. Ташкилоти комсомолӣ ба рафти иҷрои нақшаи комплексии кори сиёсию тарбиявӣ мунтазам назорат мекард. Натиҷаи кори тарбиявӣ дар бюро, пленумҳо ва анҷуманҳои Иттифоқи ҷавонон мунтазам муҳокима шуда, хулосаҳои дахлдор мебароварданд.

Дар ҷумҳурӣ зери сарварии ҳизб ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо дараҷаи маълумот, синну сол, хусусиятҳои миллӣ ва касбӣ, талаботу манфиатҳои гурӯҳҳои

гуногуни шаҳрвандонро ба назар гирифта, шаклҳои омӯзиши сиёсиро муайян мекарданд.

Шаҳрвандон бо майли худ метавонистанд дар кори маҳфил ё семинарҳои назариявӣ иштирок намоянд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши муаллимони мактабҳои ҳамагонӣ соли хониши 1962-1963 375 семинари асосҳои тарбия амал мекарданд, ки дар онҳо 8150 нафар омӯзгорон таҳсил менамуданд. Агар дар аввали солҳои 60-ум дар шаклҳои гуногуни омӯзиш 170 ҳазор шаҳрвандони ҷумҳурӣ савияи сиёсии худро баланд бардошта бошанд, пас соли 1981-1982 шумораи шунавандагон ба 800 ҳазор расид.

Дар аввали солхои 80-ум дар кори тарбиявии аҳолӣ 11 ҳазор шореҳон, 40 ҳазор тарғибгарон, 2400 аъзои ҷамъияти «Дониш», 1500 рӯзноманигорон, кормандони идораҳои фарҳанг саҳмгузор буданд.

Дар тарбияи шаҳрвандон мақоми ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ бемайлон меафзуд. Дар назди комитетҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизб комиссияҳои идеологӣ бомуваффакият кор мекарданд. Ин комиссияҳо конференсияҳои назариявӣ, шабҳои саволу ҷавоб, мубоҳисаҳо, вохӯриҳо бо пешқадамони истеҳсолот ва ветеранҳои ҷанг мегузарониданд. Дар байни фаъолони кори идеологӣ оид ба тарбияи шаҳрвандон мубодилаи таҷриба ташкил мекарданд. Чунончӣ, дар назди комитети ҳизбии вилояти Ленинобод шӯрои координатсионӣ оид ба кори идеологӣ бомуваффакият амал мекард. Вай 15 бахшро дар самтҳои гуногуни кори ғоявию сиёсӣ дар байни омма муттаҳид менамуд. Шӯъбаи ҷавонон кори худро дар робитаи зич бо дигар шӯъбаҳои шӯрои координатсионӣ пеш мебурд.

Ташкилотҳои комсомолии Тоҷикистон бо мадади комитетҳои ҳизбӣ мунтазам шаклу усулҳои самарабахши кори идеологии байни ҷавононро ҷустуҷӯ мекард. Масалан, журнали шифоҳии «Ҳама чизро донистан мехоҳам», ки дар шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Конибодом амал мекард, дар байни ҷавонон шӯҳрати калон пайдо карда буд. Дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Роҳи оҳани Душанбе журнали шифоҳии «Бо чашмони худ» бомуваффақият амал мекард. Дар назди комитети комсомолии шаҳри Ӯротеппа бошад, журнали «Мамлакати азизи паҳноварам» ташкил шуда буд. Тавассути ин журналҳо на танҳо маданияти сиёсии ҷавонон баланд мегардид, балки мунтазам онҳо дар бораи комёбиҳои илм ва техника дониш ба даст меоварданд.

Дар кори тарбиявии шаҳрвандон ба ташвиқи айёнӣ диққати махсус дода мешуд. Дар бисёр заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ намоиши мавзӯи шавковар гузаронида, плакатҳои ранга, стендҳо, фотогазетаю диаграммаҳо дода шуда буданд, ки онҳо корнамоии меҳнатиро васеъ тарғиб намуда, дар айни замон бевосита ба ҳар як коркун муроҷиат мекарданд: «Ту барои бомуваффақият иҷро кардани панҷсола чӣ кардӣ?», «Ту санаи барпошавии ҷумҳуриро чӣ тавр пешвоз мегирӣ?» ва ғайра. Даъватҳо, плакатҳо, транспарантҳо, намоишҳо, фотомонтажҳо, стендҳои гуногун, тахтаҳои мусобиқа ва амсоли инҳо воситаи муҳими ба кори тарбиявии коллективҳои меҳнатӣ таъсир расондан мебошанд, ки барои бомуваффақият иҷро кардани нақшаҳои истеҳсолӣ равона карда шуда буданд.

Дар маҷмӯъ воситаҳои идеологии тарбияи мардум дар рӯҳи анъанаҳои қаҳрамононаи халқи ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои муҳимтаринро ишғол мекард. Чунончӣ, ташкил ёфтани Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнат ба беҳтар шудани сифати тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ таъсири мусбат расондааст. Дар ин қисмат таҷрибаи ғанӣ ба даст дароварда шудааст. Хусусан, бахшида ба 40-солагии ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар Сафари умумииттифоқӣ иштирок намуда, ба ҷойҳои шӯҳрати ҷангӣ рафта, оилаҳои ҷанговарони ҳалокшударо ба шефӣ гирифтанд. «Солномаи Ҷанги Бузурги ватанӣ»-ро тартиб доданд. Аз ҷониби онҳо 5027 сафару экскурсияҳо гузаронда, бештар аз 1000 хона, гӯша ва осорхонаҳои шӯҳрати ҷангӣ ташкил карда, барои ёдбуди ҷанговарон, ҳимоятгарони Ватан 600 ҳайкал ва нишонаҳои ёдгорӣ сохта шудааст.

Ба амалияи кори ташкилотҳои ҷамъиятӣ эстафетаи корҳои ватандӯстона «Хотира», «Ватани ман – СССР», ба шефӣ гирифтани маъюбони ҷанг, оилаҳои ҷанговарони ҳалокшуда, гузаронидани бозиҳои ҳарбӣ, слётҳо, манифестатсияҳо ва амсоли онҳо дохил шуданд. Соли 1985 дар ҷумҳурӣ амалиёти умумииттифоқии «Рӯ ба байрақи Ғалаба саф кашед» бомуваффақият гузашт.

**Тарбияи байналмилалии насли наврас**

Солҳои 50-80-ум дар тарбияи интернатсионалӣ таҷрибаи муфид ба даст омада буд. Бо ташаббуси созмонҳои ҷамъиятӣ «Мо ватандӯст – интернатсионалистем», «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо», конференсияю семинарҳои назариявӣ, дарсҳои сиёсӣ гузаронида мешуданд.

Вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони ҷумҳуриҳои бародарӣ, эстефетаи сулҳ ва дӯстӣ, фестивали ҷавонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон барин шаклҳои тарбияи интернатсионалии ҷавонон дурустии худро нишон доданд. Вохӯриҳои интернатсионалии ҷавонони вилояти Самарқанди РСС Ӯзбекистон ва шаҳри Панҷакент, шаҳри Турсунзода ва вилояти Сурхандарё анъанавӣ гардиданд ва ҳар дафъа ба иди ҳақиқии дӯстии халқҳо табдил меёфтанд.

Дар корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, мактабҳо, клубҳои «Дӯстон аз рӯи мукотиба», «Клубҳои вохӯриҳои интернатсионалӣ» ташкил карда шуда, шабҳои мусиқӣ, ракс, адабиёти халқҳои бародарии ИҶШС ва мамлакатҳои хориҷӣ гузаронида мешуданд. Дар ГЭС-и Норак, заводи алюминии тоҷик барин сохтмонҳои калон ҳам «Ҳафтаи дӯстии халқҳои СССР» ва «Рӯзҳои ҷумҳуриҳои бародарӣ» муттасил гузаронида мешуданд.

Саҳми клубҳои дӯстии интернатсионалӣ дар мустаҳкам кардани дӯстии ҷавонони Тоҷикистон ва ҷавонписарону духтарони мамлакатҳои хориҷӣ баланд буд. Дар давраи «Ҳафтаи якдилӣ» зери шиори «Сулҳ ба ту, сайёраи Замин», «Ман ба суруд боварӣ дорам» озмунҳои суруд гузаронида мешуд.

Бо ташкили Кумитаи кор бо ҷавонони Тоҷикистон (3-августи с. 1970) тарбияи интернатсионалии ҷавонписарону духтарон пурзӯр гардид. Комитет дар ташкили робита ба ҷавонони мамлакатҳои хориҷӣ кори зиёдеро иҷро кард. Ҷавонону духтарони ҷумҳурӣ бо ҷавонони мамлакатҳои сотсиалистӣ робитаи зич барпо намуданд. Ин робита танҳо бо як мукотиба маҳдуд намегардид. Ҷавонони Тоҷикистон ба корхонаҳои саноатии Полша, ҶДГ, кооперативҳои хоҷагии қишлоқи Булгория, сохтмонҳои Венгрия ташриф оварда, бо ҳаёти ҷавонписарону духтарони ин мамлакатҳо шинос гардиданд.

Бо ташаббуси Комитети ҷавонони Тоҷикистон аз Чехославакия, ҶДГ, Полша, Югославия, Франсия, Мексика, Дания, Италия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон 2660 нафар ҷавонони хориҷӣ омаданд.

Солҳои 80-ум бо роҳхати Бюрои туризми байналхалқии ҷавонон «Спутник» бештар аз 5 ҳазор ҷавонписарону духтарони Тоҷикистон 30 мамлакати ҷаҳонро саёҳат карда омаданд.

Ташкилотҳои ҷамъиятию-сиёсии Тоҷикистон шаклу усулҳои самарабахши мубориза барои муҳофизати сулҳро дар тамоми ҷаҳон дарёфт карданд. Дар ҷумҳурӣ «Ҳафтаҳои сулҳ» барпо ме-

гардиданд. Дар рафти онҳо на танҳо чорабиниҳои оммавию сиёсӣ, балки ба фонди сулҳ маблағҳои муайян низ гузаронида мешуданд.

Дар заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳои Тоҷикистон митингҳои зиддиҷангӣ, маҷлисҳо ва якмоҳагиҳои сулҳ гузаронида шуданд, ки дар онҳо меҳнаткашон ба тарафдорони сулҳ баромад мекарданд.

**Тарбияи меҳнатии шаҳрвандон**

Дар тарбияи меҳнатии аҳолӣ муассисаҳои маданию маърифатӣ-клубҳо, китобхонаҳо, қасрҳои маданият, осорхонаҳо ва ғайра кори муайянеро ба ҷо овардаанд. Чунончӣ, дар назди китобхонаҳои шаҳрӣ ва ҷумҳурӣ мунтазам конференсияю мубоҳисаҳои хонандагон, намоишҳои китоб гузаронида шуданд, ки насли наврасро ба меҳнат кардан даъват мекарданд.

Дар корхонаҳои саноатӣ ва сохтмонҳои Тоҷикистон чунин шаклҳои мусобиқа тавлид ёфтанд, ки на танҳо самараи иқтисодӣ оварданд, балки ба тарбияи кормандони истеҳсолот низ таъсири мусбӣ расонданд. Чунончӣ, аввалин бор дар сохтмони ГЭС-и Норак шакли нави мусобиқаи муҷовирон – «Эстафетаи коргарӣ» пайдо шуд, ки вай дар тамоми мамлакат паҳн гардид.

Мусобиқаҳои анъанавии пахтакорони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Озарбойҷон, барои шиносоӣ, ба кор ҳамдигарро даъват кардани коллективҳои корхонаҳои бофандагии шаҳрҳои Иваново ва Душанбе низ ба тарбияи коргарон таъсири мусбат расонданд.

Маҷлиси фаъолони идеологии Тоҷикистон, ки 30 августи соли 1986 дар Душанбе барпо гардид, вазифаҳои ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсиро оиди беҳтар намудани сифати кори тарбиявии байни шаҳрвандон дида баромад. Маҷлис нақшаи мушаххасро қабул намуд, ки дар он ба тарбияи меҳнатии шаҳрвандон диққати махсус дода шуда буд.

Дар партави ин тавсияҳо дар коллективҳои меҳнатии ҷумҳурӣ шаклҳои нави мусобиқа: «Эстафетаи коргарӣ», «Эстафетаи деҳқонӣ», «Беҳтар кор кунем», «Самара ва сифатро баланд бардорем», «Бе қафомондагон кор кунем» ба амал омаданд.

Ҳаракати ватандӯстонаи «Дар ҳар ҷои корӣ – ҳосилнокии баланди меҳнат, интизом, муташаккилӣ ва эҷодкорӣ!» дар байни шаҳрвандони ҷумҳурӣ хеле вусъат ёфта буд.

Бо фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии заводи «Тоҷиктекстилмаш» -и ба номи Ф.Э. Дзержинский, комбинати абрешими ордени Байрақи Сурхи Меҳнатдори Ленинобод, иттиҳодияи

«Тоҷикатлас»-и ба номи 60-солагии ИҶШС, иттиҳодияҳои таҷрибавии агросаноатии «Ховалинг» ва ғайра, ки ба ташаббуси москвагиҳо пайравӣ кардаанд, бисёр коллективҳои меҳнатӣ ба ҳаракати минбаъд ҳам мустаҳкам кардани интизоми меҳнатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти босифат ҳамроҳ шуданд.

Дар ҳаракати «Шаъну шараф аз меҳнат аст» бештар аз 1500 коллектив, бригадаю звеноҳо, қариб 40 ҳазор кормандон иштирок карданд.

Ташкилотҳои ҷамъиятии деҳот дар кори тарбиявӣ расму оин, иду анъанаҳои ниёгонро истифода мебурдагӣ шуданд. Иди Наврӯз, иди «Лола» ва ғайра аз ҷумлаи онҳо буданд.

Солҳои 70-80-ум дар байни шаҳрвандони ҷумҳурӣ шабнишиниҳои оилавӣ, ки бевосита дар корхонаҳо, колхозу совхозҳо мегузашт, аҳамияти калони тарбиявӣ доштанд. Дар гузаронидани расму оинаҳои нав: тӯйҳои комсомолӣ, «Рӯзи таваллуд», «Рӯзи қабул ба сафи студентон» ва амсоли онҳо аҳамияти тарбиявӣ доштанд. Ҳамаи ин тадбирҳо барои ба ҷавонон омӯхтани тарзи ҳаёти нав ёрӣ мерасонданд.

## Кори тарбиявии байни занон

Ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ, шӯроҳои занон ба кори тарбияи занон, духтарон диққат дода, тадбирҳо меандешиданд. Вале дар кори тарбиявӣ камбудиҳо вуҷуд доштанд. Дар ҷумҳурӣ аз мактабҳо хориҷ кардани духтарон ва дар баъзе ноҳияҳо ҳодисаҳои гирифтани қалин мушоҳида шуда, як қисми соҳибхоназанони ҷавон дар кори фоиданоки ҷамъиятӣ иштирок намекарданд. Чунончӣ, агар соли 1980 умуман дар ИҶШС 51 фоиз шумораи умумии коргарону хизматчиёнро занон ташкил дода бошанд, пас дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Ӯзбекистон – 43%, дар Қирғизистон – 48%, дар Туркманистон – 41% ва дар Тоҷикистон – 39%-ро ташкил карданд. Шумораи коргарзанон аз ҳисоби тоҷикзанон, алалхусус дар корхонаҳои саноатӣ, кам буд.

Дар кори тарбиявӣ-маънавии духтарон шӯроҳои духтарон, ки дар назди ташкилотҳои ибтидоӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрии комсомол ташкил карда шуда буданд, саҳми калон гузоштанд.

Солҳои 50-80-ум дар Тоҷикистон ба тарбияи ҷисмонӣ ва спорт низ диққат дода мешуд. Дар ҷумҳурӣ 36 стадион, 648 зали спортӣ, 37 ҳавзи шиноварӣ, 483 майдони футболбозӣ, бештар аз 3270 майдони баскетбол ва теннис амал мекарданд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар кори тарбиявии шаҳрвандон камбудиҳо низ ҷой доштанд. Аз тарафи шаҳрвандони алоҳида вайрон карда шудани тартиботи ҷамъиятӣ, интизоми меҳнат мушоҳида карда шуда, муносибати худбинӣ, бештар гирифтан ва камтар ба ҷамъият додан, бепарвоӣ, авбошӣ ва бадмастӣ дида мешуд. Дар баъзе ноҳияҳо рафтори зарарнок, ба шавҳар додани духтарони ноболиғ, аз хондан, ихтисос гирифтан маҳрум кардани онҳо ва ғайра мушоҳида мегардид.

Ҳамин тавр, дар солҳои 50-80-ум ба камбудиҳо нигоҳ накарда, фарҳанги халқи тоҷик инкишоф меёфт ва дар пешрафти маданияти ҷаҳонӣ саҳми худро мегузошт. Маориф, илм, адабиёт, санъат ва идораҳои маданӣ-маърифатӣ вазифаи муқаддаси худро иҷро карда, сатҳи маънавиёти халқи хешро баланд намуда, арзишҳои умумибашариро дастраси омма гардонданд.

Бо туфайли фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ кори тарбиявии байни аҳолӣ ҷоннок гардида, иштироки оммаи меҳнаткаш дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоии ҷумҳурӣ афзуд. Вале дар ҳаёти фарҳангӣ ва кори тарбиявии байни шаҳрвандон душворӣ ва камбудиҳо ҷой доштанд. Хусусан, дар пешрафти фарҳанги миллӣ, мероси гузаштаи ниёгон самаранок истифода карда намешуд.

Дар кори тарбиявӣ ба расмиятчигӣ ҷой дода, бештар на ба сифати маъракаҳо балки ба миқдори онҳо аҳамият медоданд. Хусусан, авбошӣ дар байни ҷавонон зиёд шуда, қисми онҳо интизоми меҳнатро вайрон мекарданд, меҳнат кардан намехостанд.

## САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ

... Инқилоби Октябр ба мардуми мо умеду умри дубора бахшид. Халқи тоҷик баъди ҳазор соли аз байни рафтани сулолаи Сомониён боз соҳибдавлат шуда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кард.

Инқилоб Тоҷикистонро соҳиби ҳудуд кард ва аз зери фишори бадхоҳонаш озод намуд. Барои мардум танг ҳам бошад, майдони кор ва эҷоду фаъолият муҳайё сохт. Оҳиста-оҳиста дар водиҳои нообод ва кӯҳистонҳои дурдаст деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳои обод бунёд гаштанд. Мактабу маориф ва илму фарҳанг босуръат инкишоф ёфт. Фарзандони халқи тоҷик бо

мададу дастгирии бародаронаи олимони русу украин ва дигар халқҳо дар кашфи нодиртарин соҳаҳои илм ангуштнамо шуданд. Вале ба назари мо, аз ҳама муҳимаш он буд, ки дар ин даврон забони тоҷикӣ аз нав ҷон гирифт ва тавассути софкории адибону олимон, заҳмати пайвастаи зиёиён хеле суфтаву ҷолиб гашт. Эҳсоси ифтихор ва худшиносии миллати тоҷик қувват гирифт.

*Э. Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе, 1996. – С.17.*

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШ

*Ходимони намоёни илму фарҳанги тоҷикро дар солҳои 50-80-ум номбар кунед?*

*Дар кинофестивали Қоҳира кадом филми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои аввалро гирифт ва соҳиби ҷоизаи «Уқоби тиллоӣ»-и гардид?*

*Кай Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт?*

*Ба муносибати 40-солагии Ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ чигуна тадбирҳои мушаххас гузаронида шуд, ки онҳо хусусан барои ҷавонони ҷумҳурӣ аҳамияти тарбиявӣ доштанд?*

*Дар солҳои 60-80-ум Тоҷикистон бо кадом давлатҳои хориҷӣ робитаҳои фарҳангӣ дошт?*

*Камбудиҳои кори тарбиявии байни шаҳрвандонро номбар кунед.*

*Асари Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» бори аввал бо кадом забон нашр гардидааст?*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

– Қонун оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он.

– Саҳми ҷавонони эҷодкори ҷумҳурӣ дар инкишофи санъат.

– Мақоми фарҳанг дар баланд гардидани сатҳи маданияти умумӣ ва сиёсии шаҳрвандон.

– Нақши зан дар пешрафти маорифи халқ.

# БОБИ 5.
# ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ФАРОРАСИИ БӮҲРОН ВА ОҒОЗИ БОЗСОЗӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ ШӮРАВӢ

## 1. БА АМАЛ ОМАДАНИ ВАЗЪИ БӮҲРОНӢ ДАР МАМЛАКАТ

**Фарорасии карахтӣ ва паст шудани сатҳи худфаъолиятии ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ**

Ҳарчанд дар солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум дар мамлакат пешравиҳои назаррас ба амал омада бошад ҳам, вале дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ камбудиҳои ҷиддӣ дида мешуд. Ин камбудиҳо дар таърихи давлати шӯравӣ бо номи карахтӣ ё айёми рукуд маълуманд. Равандҳои манфӣ дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳаёти маънавӣ вуҷуд доштанд.

Бештари зуҳуроти манфӣ на аз сохтори сиёсии мамлакат, балки аз тарзи идоракунӣ бармеомад. Мувофиқи Конститутсияи мамлакат, Ҳизби коммунистӣ ядрои сиёсӣ ва пешбарандаи ҷамъият ба ҳисоб мерафт, ба бӯҳрон кашида шуд. Сохтори идоракунии ҳизбро бюрократизм фаро гирифта, дар услуби идоракунии он камбудиҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Масалан, аз идораҳои боло ба ташкилотҳои ибтидоӣ фармон меомад, ки чанд нафар мард ва ё зан ба сафи ҳизби коммунист қабул карда шавад. Азбаски ба вазифаҳои калони ҳизбӣ, давлатӣ ва хоҷагӣ асосан аъзои ҳизб пешбарӣ мешуданд, бинобар ин шахсони белаёқати мансабпараст хам бо ҳар роҳ ба ҳизб дохил шуда, соҳиби мансаб мегаштанд.

Дар роҳбарии ҳизб ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ камбудиҳо дида мешуданд, яъне мустақилии онҳо ба назар гирифта намешуд. Чунончӣ, танҳо баъд аз дар КМ ҳизб маъқул донистани рӯзнома, пленуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон баргузор мегардид. Ҳамин тавр, торафт мустақилӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ паст шуда, роҳбарии ҳизбӣ меафзуд.

Дар мамлакат қонуниятҳои сотсиалистӣ вайрон гардида, гунаҳкорон ба ҷазои хизбӣ маҳдуд карда мешуданд ё ба дигар курсӣ менишастанд.

Муаммоҳои миллӣ, аз ҷумла ба ҷои муқимиашон баргардонидани тоторони Қрим, туркҳои месхетӣ ва ғайра торафт тезутунд мегардид. Воқеаҳои охири солҳои 80-ум дар назди Балтика, Кавказ, Молдавия, хусусан Вилояти мухтори кӯҳистони Қаробоғ

низ гувоҳӣ медоданд, ки дар муносибатҳои миллӣ чораҳои таъҷилӣ андешидан зарур буд. Дар Тоҷикистон низ соли 1989 дар сарҳади ноҳияи Исфара бо Боткенти Қирғизистон дар ҳалли масъалаи замин нохушиҳо рух доданд. Ин воқеаҳо ташкилотҳои давлатию ҳизбиро вазифадор менамуд, ки ба ҳалли масъалаҳои миллӣ диққати махсус диҳанд.

Ҳарчанд мувофиқи Конститутсияи ИҶШС ва Барномаи сеюми Ҳизби коммунистӣ (соли 1961) ҳуқуқи ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ васеъ ва ба онҳо дар ривоҷ ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ мустақилият дода шуда бошад ҳам, дар амал баъзан манфиатҳо ва ташаббуси ҷумҳуриҳои бародарӣ дастгирӣ намеёфтанд.

Маълум аст, ки дар Тоҷикистон захираҳои об хело зиёданд, вале барои самаранок истифода намудани онҳо, аз ҷумла ташаббуси ҷумҳурӣ оид ба истифодаи захираҳои обии дарёи Зарафшон дар обшор намудани заминҳои бекорхобидаи ноҳияи Истаравшан ва Ғончӣ аз тарафи ҳукумати умумииттифоқӣ дастгирии худро наёфт.

Дар соҳаи фарҳанг низ зуҳуроти бюрократӣ, расмиятчигӣ нисбат ба фаъолияти ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ мушоҳида карда мешуд. Чунончӣ, бе иҷозати Москва ҳеҷ гоҳ дастаҳои ҳунарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷии дуру наздик, ба монанди Афғонистон, Эрон, давлатҳои араб, сафар карда наметавонистанд. Баъзан гирифтани иҷозатнома барои сафари ансамблҳои рақсу суруд, театрҳои драмавӣ на ин ки моҳҳо, балки солҳо тӯл мекашид.

Маълум аст, ки дар Тоҷикистон фоизи ҷавонон ва алалхусус занон зиёд буда, қисми проблемаҳои онҳо солҳои тӯлонӣ ҳал намегардиданд. Хусусан, ҷавонони беихтисос наметавонистанд ба кор таъмин гарданд ва шумораи бекорон сол аз сол меафзуд. Қисми ҷавонзанони маҳаллӣ низ бо ҳамин сабабҳо маҷбуранд хонанишинӣ кунанд.

**Вазъи бӯҳронӣ дар мамлакат**

Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҳатто суръати пешрафти иқтисодиёт ва хусусан ҳосилнокии меҳнат дар солҳои 70-ум нисбат ба соли 1965 паст рафт. Мутаассифона, нақшаҳои панҷсолаҳои 9-10-ум оид ба нишондодҳои асосӣ иҷро нашуда монданд. Ин камбудиҳои ҷиддӣ бояд дар солҳои панҷсолаи ёздаҳум ислоҳ карда мешуданд, вале ин нақша низ ҷомаи амал напӯшид.

Ҳамин тавр, вазъи бӯҳронӣ дар самтҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ба амал омад.

Вазъи бӯҳронии соҳаи иқтисодиёт дар он баён меёфт, ки аз як тараф идоракунӣ ва назорат аз болои корхонаҳои истеҳсолкунанда суст шуда, аз тарафи дигар дар сари вақт ҷорӣ нагардидани техникаи нав ва технологияи пешқадам, паст шудани ҳосилнокии меҳнат, ҳавасмандии моддӣ, риоя накардан ба интизоми истеҳсолӣ ва ғайра ҷой доштанд.

Дар Тоҷикистон сол аз сол барои сохтмон маблағи зиёд ҷудо мешуд, вале аз худ карда намешуд. Баъзе объектҳои калони истеҳсолӣ аз қабили тунели Анзоб, ки ҷануби ҷумҳуриро бо ноҳияҳои шимол пайваст мекард, аз нақша ба нақша гузаронда, баъд умуман аз рӯзнома бардошта шуд. Муносибати хунукназарона нисбати моликияти ҷамъиятӣ-давлатӣ зиёд гардида, дуздӣ меафзуд.

Чунин вазъият ба сатҳи зиндагии шаҳрвандон таъсир расонда, дар маҳалҳо норозигии гурӯҳҳои иҷтимоиро ба амал меовард.

Дар соҳаи иҷтимоӣ камбудиҳои зерин: паст шудани сатҳи худфаъолияти шаҳрвандон, вайрон кардани адолати иҷтимоӣ, инкишофи тамоили кор накарда аз ҷамъият бештар гирифтан ва ғайра мушоҳида мегардид.

Дар бахши маънавиёт ва корҳои тарбиявӣ душворӣ ва камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, дар ҷумҳурӣ ҷинояткорӣ, ришвахӯрӣ, қаллобӣ, маҳалгароӣ, чизпарастӣ, бадмастӣ, нашъамандӣ, фоҳишагарӣ, дуздӣ, тороҷкунии молумулки давлату хоҷагии кооперативӣ-колхозӣ инкишоф ёфт.

Дар соҳаи кори идеологӣ догматизм (аҳкомпарастӣ) ва шахспарастӣ инкишоф ёфта, ягонагии сухан ва амалия дида намешуд.

Сохтори якҳизбӣ ва яккаидеологӣ, синфият, партиявият имконият намедод, ки гуногунандешӣ амал кунад. Дар соҳаи фарҳанг бештар ба маданияти аврупогӣ диққат дода, на ҳама вақт фарҳанги қадими халқи тоҷик дар ташаккули маънавиёти шаҳрвандони ҷумҳурӣ самаранок истифода бурда мешуд.

Вазъи бӯҳронӣ низ ҳаёти сиёсии мамлакатро фаро гирифт. Муҳимтарин масъалаҳои давлатӣ, ҳизбию ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳалли ихтилофҳо дар муносибатҳои миллӣ, кӯшиши бо роҳи ғайридемократӣ ҳал кардани онҳо, ҷуста мешуд.

Вуҷуд надоштани ошкорбаёнӣ дар қабул кардани қарорҳо, риоя накардан бо қонунияти сотсиалистӣ ба сохтори сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонд. Бар хилофи Ҳизби коммунистӣ дар мамлакат қувваҳои оппозитсионӣ торафт фаъолияти худро аф-

зун мегардонданд. Чунончӣ, дар Тоҷикистон ҳаракати «Растохез», маҳфили «Рӯ ба рӯ», созмону ҳизбҳои гуногуни нав ба амал омаданд, ки онҳо роҳҳои тағйир додани вазъи сиёсиро пешниҳод мекарданд.

Дар сиёсати хориҷӣ низ камбудиҳои ҷиддӣ рух доданд, ки ба обрӯи Иттиҳоди Шӯравӣ таъсири манфӣ расонданд. Масалан, дахолат ба корҳои дохилии Афғонистон эътибори ИҶШС-ро дар арсаи байналхалқӣ паст намуд.

Омилҳои хориҷӣ таъсири худро инчунин ба вазъи дохилии мамлакат мерасонданд. Аз ҷумла, мусобиқаи иқтисодӣ, илмӣ-техникии ИҶШС бо Ғарб ба нокомиҳо оварда, торафт ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии мамлакатро муташанниҷ мегардонд.

## 2. ПЕШ ГИРИФТАНИ РОҲИ БОЗСОЗӢ

**Бозсозӣ ва оқибатҳои он**

Давлати шӯравӣ, ки дар миқёси байналхалқӣ обрӯи калон дошт ва аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот, инкишофи илму техника ҷои намоёнро ишғол мекард, наметавонист ба гурӯҳи мамлакатҳои сусттараққикарда ғелида равад. ИҶШС, ки дорои кадрҳо, техника, базаи калони ашёи хом ва умуман табиати гуногунранг буд, метавонист дар асоси барномаи мушаххас камбудиҳои айёми рукудро дар як муддати муайян барҳам диҳад. Бевосита ба ин масъала Ҳизби Коммунистӣ аз нимаи дуюми солҳои 80-ум машғул гардид. Дар мамлакат як нақшаи стратегӣ кор карда баромада шуд, ки он бо номи бозсозӣ маълум аст.

Бозсозӣ дар ҷамъияти шӯравӣ аз моҳи апрели соли 1985 сар шудааст. Пленуми апрелии (соли 1985) Комитети Марказӣ таҳти сарварии котиби генералии ҲКИШ М.С. Горбачёв қарор кард, ки дар мамлакат азнавсозии ҷамъияти сотсиалистӣ гузаронида шавад. Барномаи муфассали амалӣ гардондани бозсозӣ дар маърӯзаи М.С. Горбачёв «Октябр ва бозсозӣ: инқилоб давом дорад», ки 2 ноябри соли 1987 дар маҷлиси ботантанаи якҷояи КМ ҲКИШ, Шӯрои Олии ИҶШС ва РСФСР, ки ба 70-солагии инқилоби Октябр бахшида шуда буд, баён ёфтааст. Маърӯзачӣ давраҳои асосӣ, вазифа ва роҳҳои амалии бозсозиро муайян намуда, мардуми шӯравиро даъват кард, ки баҳри тантанаи бозсозӣ дар мамлакат сайъу кӯшиш намоянд.

Ҳамин тавр, мақсади бозсозӣ хотима додан ба вазъи бӯҳронӣ дар мамлакат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар

истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни мардуми шӯравӣ, барҳам додани боқимондаҳои сохтори роҳбарии фармонфармоии маъмурӣ ва минбаъд инкишоф додани раванди демократиконии ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Бозсозӣ мебоист ҷамъияти сотсиалистиро такмил дода, камбудӣ ва мушкилиҳое, ки дар садди роҳи он меистоданд, барҳам диҳад.

Дар ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ ва давлатӣ зарурати объективии ба амал баровардани бозсозӣ исбот гардида, равандҳои асосии он муайян шудаанд. Инислоҳоти куллӣ мебоист соҳаи сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳанг, тарбия ва муносибатҳои байналхалқиро дар бар гирад.

Масъалаи амалӣ гардонидани стратегияи бозсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус дар анҷумани XX ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ, ки моҳи январи соли 1986 барпо шуда буд, мавриди муҳокима гардид. Дар анҷуман оиди масъалаи мазкур котиби якуми ҳизби коммунистӣ Қ.М. Маҳкамов баромад, намуда вазифа ва роҳҳои татбиқи бозсозиро дар шароити Тоҷикистон пешниҳод кард. Аз ҷумла, анҷуман нақшаи панҷсолаи дувоздаҳум ва самтҳои асосии тараққиёти ҷумҳуриро то соли 2000-ум муайян кард ва барои баланд шудани самаранокии истеҳсолот қарорҳои дахлдорро қабул намуд.

Мувофиқи нақшаи панҷсолаи дувоздаҳум ба инкишоф ва тадбиқи барномаи Комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ диққат дода шуда, бояд раванди сохтмони ГЭС-и Роғун тезонда ва аз захираҳои обии ҷумҳурӣ самаранок истифода бурда, стансияҳои гуногунҳаҷми барқӣ сохта мешуданд.

Дар солҳои панҷсолаи дувоздаҳум (1986-1990) соҳаҳои зерини истеҳсолот: саноати мошинасозӣ, ранга ва кимиё, электронергетика, индустрияи сохтмон ва хусусан саноати сабук дар асоси техникаи нав ва технологияи пешқадам бояд барпо мегардид. Ба соҳаи аграрӣ диққати махсус дода шуда, аз ҳисоби ба кор андохтани заминҳои бекорхобида ва дар асоси кашфиётҳои илмӣ хусусан пеш бурдани пахтакорӣ, боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ дар назар дошта шуда буд.

Бояд қайд кард, ки ба масъалаи баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандон низ диққати махсус дода шуда дар ҷумҳурӣ барномаҳои дарозмуддати «Бо озуқаворни баландсифат таъмин кардани аҳолӣ», «Истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ», «Манзил-93» ва ғайра қабул гардид.

Шаҳрвандони Тоҷикистон сиёсати бозсозиро дастгирӣ намуда бо шиори «Ба панҷсолаи дувоздаҳум - меҳнати эҷодкорона!»

меҳнат мекарданд. Мутаассифона, нақшаҳои азими тартиб додашуда аллакай дар солҳои аввали панҷсола иҷро нагардиданд. Дар соҳаи саноат ҳосилнокии меҳнат баланд нашуда, сифати маҳсулот низ беҳтар нагардид ва баръакс баъзе иншоотҳои азим, аз ҷумла сохтмони ГЭС-и Роғун қатъ гардид. Алаккай дар охири солҳои 80-ум алоқаҳои иқтисодӣ, ёрии техникӣ ва таъмин бо ашёи хом дар байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ канда шуданд.

Нақшаҳои соҳаи кишоварзӣ иҷро нашуда, барномаи озуқаворӣ, хусусан ба сари ҳар як нафар шаҳрванд истеҳсол кардан ва тақсим намудани маҳсулот ҷомаи амал напӯшид.

Яке аз равандҳои асосии бозсозӣ ин демократикунонии ҳаёти мамлакат мебошад. Бояд аз як тараф механизми боэътимоде барпо карда мешуд, ки мувофиқи он шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ-ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда тавонанд ва аз тарафи дигар ҳуқуқи инсон поймол нагардида, барои онҳо фарҳанги сиёсии умумибашарӣ дастрас гардад.

Конференсияи XIX (июни соли 1989) ҳизб қарорҳоро «Дар бораи демократикунонии ҷомеаи шӯравӣ ва ислоҳоти сохтори сиёсӣ», «Дар хусуси мубориза бо бюрократизм», «Дар бораи муносибатҳои байналмилалӣ», «Дар бораи ошкорбаёнӣ», «Дар хусуси ислоҳоти ҳуқуқӣ» қабул кард, ки онҳо стратегия ва тактикаи демократикунонии ҷамъияти шӯравиро муайян мекарданд.

Азбаски ИҶШС мамлакати сермиллату халқият буд, бинобар он конференсия оиди ин масъала қарорҳои муҳим қабул намуд. Дар қарор, аз ҷумла, чунин омадааст «Эҳтиёт ва афзун гардонидани он чизе, ки барои муттаҳидии ҷамъияти шӯравӣ чун асоси пешрафти озод ва гулгулшукуфии халқҳои ҷамоҳири шӯравӣ, мустаҳкамгардонии иқтидори ватани мо заруранд, қарзи ватандӯстӣ ва интернатсионалии ҳар як шаҳрванд...мебошад.»

Дар консепсияи демократикунонии ҷомеа ошкорбаёнӣ мавқеи муҳимро ишғол мекард. Ошкорбаёнӣ дар чорчӯбаи қонун амал карда, воқеаҳои таърихӣ бояд холисона баён меёфтанд. Ба туфайли ошкорбаёнӣ дар коллективҳои меҳнатӣ андешаронии ҷасурона ба амал меомад. Дар натиҷаи ҷорӣ гардидани плюрализми сотсиалистӣ оҳиста-оҳиста сохтори бисёрҳизбӣ ва тамоили худмуайянкунӣ ба миён меояд.

Дар мамлакат аз шеваҳои фармонфармоии маъмурӣ даст кашида, ба сохтори нави интихобот ва аз рӯи масъалаҳои ҳаётан муҳим райъпурсӣ (референдум) ҷорӣ гардид. Амалӣ гардидани

ошкорбаёнӣ имконият дод, ки шаҳрвандон бо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, китобҳо ва филмҳои «махфӣ» шинос шуда, ҳақиқатро донанд. Номи неки шахсоне, ки солҳои шахспарастӣ ҷазои сиёсӣ дида буданд, барқарор гардид.

Бозсозӣ инчунин дар ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ ба амал омад. Мувофиқи тафаккури нави сиёсӣ роҳҳои бо мамлакатҳои капиталистӣ ҳамкорӣ намудан ва мустаҳкам кардани сулҳ пайдо гардиданд.

Ҳамин тавр, бозсозӣ мебоист ҷамъияти сотсиалистиро такмил дода камбудӣ ва мушкилиҳое, ки дар садди роҳи он меистоданд, барҳам медод. Вале нақшаҳои бозсозӣ иҷро нагардид, балки торафт характери он тағйир меёфт. Аз ҷумла, дар баъзе аз ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС сухан дар бораи азнавсозии сохтори сотсиалистӣ нарафта, баръакс роҳи инкишофи ғайрисотсиалистӣ пеш гирифта шуд.

## САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## ВАЗЪИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ

Роҳ ёфтани гуногунандешӣ дар ҷомеа, асосан ба туфайли сиёсати бозсозӣ дар нимаи дуввуми солҳои ҳаштодуми асри сипаригашта оғоз гардида буд. Дар Тоҷикистон низ мисли дигар ҷумҳуриҳо талошҳо аввал дар масъалаҳои фарҳангӣ, пеш аз ҳама масъалаи забони тоҷикӣ сурат гирифта, нерӯҳои сиёсие, ки ба зуҳур мемонданд, аз мавқеи миллӣ ва гоҳе аз назари фарҳангӣ баромад мекарданд. Дар он замон монанди ҷумҳуриҳои назди Балтика ва Молдова дар Тоҷикистон ҳам майл ба ҷониби кишварҳои ҳамзабон ва ҳамчунин мубориза баҳри мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ба вуқӯъ омад.

Моҳи феврали соли 1989 мавҷи эътироз ва гирдиҳамоиҳои зиёиён баланд шуд. Талаби асосии онҳо қабули Қонун дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ буд...

*Бунёди давлатдории навин. – Москва, 2002. – С.11*

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Зуҳуроти карахтӣ дар чӣ ифода меёбад?*

*Бозсозӣ ба мамлакат чӣ дод?*

*Сабабҳои тезутундшавии муносибатҳои миллӣ дар ИҶШС аз чӣ иборат буданд?*

*Чаро нақшаи панҷсолаи дувоздаҳум иҷро нагардид?*

*Бо сарварии омӯзгори таърих конференсияи хонандагонро оид ба китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов «Тоҷикон дар оинаи таърих» гузаронед.*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Сабабҳои ба амал омадани бӯҳрон дар мамлакат ва пош хӯрдани ИҶШС .

–Бурду бохти бозсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон дар солҳои бозсозӣ.

–Фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои 80-90-ум.

–Муносибатҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Сабабҳои шикастхӯрии сотсиализм.

# ФАСЛИ ДУЮМ
# ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

## БОБИ 6.
## ТАШКИЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

### 1. ПОШ ХӮРДАНИ ИҶШС

**Заминаҳо ва сабабҳои пош хӯрдани ИҶШС**

Бозсозӣ, ки такмил ва инкишофи давлати сотсиалистиро дар назар дошт, ҷомаи амал напӯшид. Бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ вазъи рукудро (карахтиро) барҳам надода, мамлакатро ба бӯҳрони умумӣ овард. Дар мамлакат заминаҳои барҳамхӯрии ИҶШС ба миён омаданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ тасодуфӣ набуда, омилҳои объективӣ ва субъективии худро дошт. Ба омилҳои объективӣ пеш аз ҳама дохил мегардиданд: ҳал нагардидани масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; муташанниҷ гардидани фазои сиёсию тарбиявӣ; иҷро нагардидани ислоҳот дар соҳаи фарҳанги мамлакати сермиллат.

Ҳанӯз моҳи ноябри соли 1990 Президенти ИҶШС М.С. Горбачёв дар маҷлис ба роҳбарони ҷумҳурияҳои иттифоқӣ барномаи аз бӯҳрон баровардани мамлакатро, ки аз ҳашт қисм иборат буд, пешниҳод намуд. Вале ин барномаи таъҷилӣ натавонист интизомро дар мамлакат мустаҳкам намуда фазои иқтисодиро мӯътадил гардонад.

Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС В.С. Павлов моҳи апрели соли 1991 дар назди вакилони халқ баромад намуда қайд кард, ки дар мамлакат вазъияти ҳалокатовари иқтисодӣ ба амал омад. Пеш аз ҳама вайрон шудани алоқаҳои иқтисодии байни ҷумҳурияҳои иттифоқӣ ба пош хӯрдани ИҶШС бевосита таъсир расонда истодааст. Аз ҷумла, буҷа аз ҷумҳурияҳои иттифоқӣ 40 фоизи маблағҳоро нагирифта, сатҳи истеҳсолии мамлакат дар як сол 5 фоиз ва даромади миллӣ то 10 фоиз кам шуд.

Сабаби дигари пош хӯрдани ИҶШС ба ҳалли муаммоҳои муносибатҳои миллии солҳои 80-ум ва 90-ум алоқа дорад. Дар ин солҳо ИҶШС 15 ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро

дар бар гирифта, дар якҷояги 270 миллион аҳолиро ташкил медод ва дар микёси байналхалкӣ яке аз давлатҳои сермиллат ба ҳисоб мерафт. Дар ИҶШС зиёда аз сад миллат ва халқият истиқомат мекарданд.

Ҳарчанд дар ИҶШС масъалаи миллӣ ҳалли дурусти худро ёфта бошад ҳам, вале иҷро нагардидани нақшаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тадбирҳои экологӣ ва дар рафти ошкорбаёнӣ афзудани баъзе муаммоҳо, ба тезу тунд гардидани муносибатҳои миллӣ оварда расонид.

Дар микёси ИҶШС тамоилҳои пайдарҳами ҳалли масъалаҳои ҳудудӣ ба амал омаданд. Вале давлати шӯравӣ аз ӯҳдаи ҳалли ин муаммоҳо баромада натавонист. Ба ин воқеаҳои нохуше ки дар Вилояти мухтори Қаробоғи Кӯҳии Ҷумҳурии Озарбойҷон рух доданд, мисол шуда метавонад. Ҳанӯз моҳи октябри соли 1987 арманиҳои ин вилоят, ки кулли аҳолии минтақаро ташкил медоданд, талаб намуданд, ки Қаробоғи Кӯҳӣ ба Ҷумҳурии Арманистон ҳамроҳ карда шавад. Оиди ин масъала дар ҳудуди Арманистон ва Озарбойҷон митингҳои маҳалгароӣ ва дар Қаробоғи Кӯҳӣ задухурди ҳарбӣ ба амал омад, ки чандин нафар шахсон ҳалок ва маҷрӯҳ гаштанд. Соли 1988 дар байни Арманистон ва Озарбойҷон ҳатто амалиёти ҳарбӣ рух дод.

Ҳамин тавр, дар охири асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ проблемаи ҳудудӣ ва муайян намудани сарҳад дар байни ҷумҳуриҳои мамлакат ба миён омад. Ба ин ҳалли масъалаи ҳудудӣ дар байни ноҳияи Исфараи Тоҷикистон ва ноҳияи Боткенти Қирғизистон низ мисол шуда метавонад.

Бояд қайд кард, ки миллатчигӣ дар шаклҳои гуногун ба амал меомад. Масалан, соли 1986 дар ш.Алма-Ато намоиш ва митинги серодам зидди русикунонии аппарати ҳизбӣ ва давлатии Қазоқистон рух дод. Ин воқеа пас аз ба мансаби котиби якуми ҳизби коммунистии Қазоқистон таъйин гардидани Колбин ба амал омад.

Дар Осиёи Миёна бошад туркҳои месхетӣ ва чеченҳое, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ кӯчонида шуда буданд, ошкоро норозигӣ намуда, талаби ба Ватан баргаштанро карданд. Ҳатто оиди баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Фарғона задухӯрди ҳарбӣ байни ӯзбекҳо ва турк-месхетинҳо ба амал омад. Аз рӯи масъалаи муносибатҳои миллӣ инчунин дар Узгени Қазоқистон задухурд ба амал омад.

**Бӯҳрони сиёсӣ**

Дар мамлакат чандин тамоилҳои сиёсӣ барои аз ҳайати ИҶШС баромадан ба амал омаданд. Хусусан аз охири солҳои 80-ум сар карда дар ҷумҳуриҳои назди Балтика ҳаракати аз ҳайати ИҶШС баромадан авҷ гирифт. Ба ин ҳаракат қувваҳои мухолифин (оппозитсионӣ) роҳбарӣ карда, аввал масъалаи ба забони модарӣ додани мақоми давлатӣ, тадбирҳои таъҷилии кам кардани шумораи касоне, ки барои истиқомат аз дигар ҷумҳурияҳо меоянд ва баръакс баланд бардоштани мақом ва мустақилии сохтори идоракунии маҳаллӣ нисбат ба ҳукумати умумииттифоқиро талаб мекарданд.

Маълум аст, ки тирамоҳи соли 1988 дар интихоботи шӯроҳои марказӣ ва маҳаллии ҷумҳурияҳои Латвия, Литва ва Эстония Фронти халқӣ ғалаба намуда, фавран нақшаи стратегии худро оиди пурра ба даст даровардани соҳибистиқлолӣ ва барпо намудани давлати мустақил пешниҳод намуданд.

Моҳи апрели соли 1989 якчанд рӯз дар Тбилиси намоиш барпо гардид, ки иштирокчиён гузаронидани ислоҳотҳои демократӣ ва соҳибистиқлол эълон намудани Гурҷистонро талаб намуданд. Шаҳрвандони Ҷумхурии мухтори Абхазистон пешниҳод карданд, ки онҳо аз ҳайати Ҷумҳурии Гурҷистон бароварда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барои омӯхтани таҷрибаи муборизаи Фронти халқии ҷумҳуриҳои назди Балтика ва минтақаҳои Қавқаз намояндагони худро фиристода буданд.

Ҳамин тавр, моҳи ноябри соли 1988 аввалин шуда Шӯрои Олии РСС Эстония Декларатсияро оид ба соҳибистиқлолии давлатии худ тасдиқ намуд. Чунин ҳуҷҷатҳо инчунин дар Литва, Латвия, Озарбойҷон (соли 1989), Молдавия (соли 1990) қабул гардиданд. 19 январи соли 1990 Ҷумҳурии мухтори Нахичеван соҳибистиқлолии худро эълон кард.

Анҷумани якуми вакилони халқии РСФСР соли 1990 қарорро дар бораи соҳибистиқлолии Россия қабул намуд. Аввалин президенти он Б.Н. Елтсин ва ноиби он А.В. Рутской интихоб шуданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки сарвари ин ҷунбишҳо дар ҷумхуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ қувваҳои муттаҳидаи мухолифин буда, ҳизб ва созмонҳои нави сиёсӣ: дар Украина «Рух», дар Литва «Саюдис», дар Тоҷикистон ҳизби демократӣ, наҳзати ислом, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Ба-

дахшон» фаъолият мекарданд. Дар Тоҷикистон ин ташкилотҳо муттаҳид шуда, Ситоди «Наҷоти Ватан»-ро ташкил намуданд.

Соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хос буда, аз рӯи нақша ва барномаи мушаххас ба амал наомадааст. Баръакс, қадамҳои аввалин дар роҳи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ бо хунрезӣ оғоз ёфт. 12-14 феврали соли 1990 дар ш. Душанбе бесарусомониҳо рух дод, ки дар рафти он шаҳрвандони бегуноҳ ҳалок гардиданд. Он вақт як гурӯҳи экстремистон овоза паҳн намуданд, ки барои мардуми тоҷик хонаю ҷой намерасад, аммо роҳбарияти ҷумҳурӣ гӯё ба гурезаҳои армание, ки аз Боку омадаанд, хонаҳои навбунёди ш. Душанберо тақсим карда медода бошанд. Сарварони ошӯбгар намоиши бисёрҳазорaро (зиёда аз 30 ҳазор) ташкил дода, аз 17 нафар иборат «Комитети халқӣ»-ро таъсис намуда талаб карданд, ки роҳбарони ҷумҳурӣ Қаҳҳор Маҳкамов, Ғоибназар Паллаев ва Иззатулло Ҳаёев ба истеъфо раванд. Дар рафти ин ошӯб дуздӣ, ғоратгарӣ, оташ задани иморатҳо, гаравгонгирӣ, лату кӯби шаҳрвандон низ авҷ гирифт. Душманон хостанд вазъияти ҷумҳуриро муташаниҷ созанд. Дар чунин шароити таърихӣ Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид.

24 августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ Эъломия қабул намуд. Дар моддаи аввали Эъломия омадааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад».

Ҳамин тавр, дар тамоми мамлакат як ҷунбише ба амал омад, ки вай бо қатъият гузаронидани тағйиротҳои ҷиддии сиёсиро дар ИҶШС талаб мекард. Бо ин мақсад моҳи декабри соли 1990 дар ш. Москва анҷумани IV вакилони халқии ИҶШС даъват карда шуд. Анҷуман, тағйиротҳои куллии дар ҷамъият ба вуҷуд омада ва роҳи соҳибистиқлолиро пеш гирифтани ҷумҳуриҳои Иттифоқиро ба назар гирифта, қарори махсус «Оид ба консепсияи умумии аҳдномаи иттифоқӣ» ва тарзи қабули онро тасдиқ намуд. Дар ҳуҷҷат ба тариқи мушаххас роҳҳои азнавсозии Иттифоқ муайян гардида буданд.

Мувофиқи қарори анҷумани IV дар мамлакат 17 марти соли 1991 райъпурсии умумииттифоқӣ оид ба нигоҳ доштани Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки аз миқдори умумии иштирокчиёни райъпурсӣ 71,3 фисади онҳо барои нигоҳ доштани ИҶШС овоз доданд.

Бо мақсади ҳалли бӯҳрони сиёсӣ ва қатъиян муайян намуданиояндаи ИҶШС моҳи апрел – маи соли 1991 дар Ново-Огарево

гуфтушуниди М.С. Горбачев бо роҳбарони нӯҳ ҷумҳурии иттифоқӣ оид ба аҳдномаи нави давлатдорӣ барпо гардид. Ҳамаи иштирокчиёни гуфтушунид шакли давлатдории такмилёфтаи Иттифоқро дастгирӣ намуда, лоиҳаи Иттифоқи Давлатҳои Соҳибистиқлолро (ИДС) дастгирӣ намуданд. Иштирокчиёни гуфтушунид пешниҳод карданд, ки бояд Конститутсияи нав қабул шавад ва дар асоси он давлатдории навинро ташкил намуда, ба сохтори интихобот тағйирот дохил карда шавад.

20 августи соли 1991 бояд аҳдномаи нав имзо гардида дар матбуот чоп карда мешуд. Нашр ва муҳокимаи лоиҳаи аҳдномаи иттифоқӣ дар ҷомеа бӯҳрони сиёсиро пурқувват намуда, вазъиятро боз ҳам муташанниҷ намуд. Аз ин сабаб роҳбарони ҳаракати «Россияи демократӣ» таклиф намуданд, ки ҳоло аҳдномаи муваққатӣ танҳо ба муддати як сол имзо карда шавад. Чунин масъалагузорӣ норозигиро дар ҷомеа боз ҳам зиёд намуд ва якчанд рӯз то имзои аҳдномаи иттифоқӣ мухолифин кӯшид, ки сиёсати ислоҳотчигӣ бекор карда шуда, давлати Иттифоқро аз барҳамхӯрӣ наҷот диҳад.

19 августи соли 1991 Президенти ИҶШС М.С. Горбачев гӯё бо сабаби бад шудани саломатиаш аз вазифааш озод карда шуд. Гурӯҳи ходимони давлатӣ изҳор намуданд, ки дар мамлакат ба муддати 6 моҳ вазъияти фавқулодда ҷорӣ карда шуда, намоиш ва корпартоиҳо манъ карда шавад.

Ҳамин тавр, ба воситаи матбуоти даврӣ ва радиою телевизион эълон карда шуд, ки дар мамлакат Комитети Фавқулоддаи Давлатӣ (ГКЧП) ташкил ёфтааст, ки вай муваққатан идоракунии давлатиро ба зиммаи худ мегирад. Ба ҳайати Комитети фавқулоддаи давлатии ИҶШС шахсони зерин: ноиб-президент Г.И.Янаев, сарвазир В.С. Павлов, раиси КБД (КГБ) В.А. Крючков, вазири мудофиа Д.Т. Язов ва дигар ходимони сохтори давлатӣ дохил шуданд.

Дар изҳороти Комитети Фавқулоддаи Давлатӣ (КФД) қайд карда шуд, ки вазифаи аввалиндараҷа барҳам додани бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, мӯътадил гардондани муносибатҳои миллӣ, хотима додани конфронтатсияи байни шаҳрвандон ва умуман бесарусомонӣ дар мамлакат мебошад. Бояд қайд кард, ки КФД вазифаи асосии худро дар барқарор намудани тартиботи то соли 1985 ИҶШС медид. Вале Комитети Фавқулоддаи Давлатӣ дер давом накард ва 22 августи соли 1991 ҳайати он ҳабс карда шуд. Воқеаҳои 19-22 август ҷараёни барҳамхӯриро тезонд ва

заминаҳои амалии аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравиро ба миён овард.

Бояд қайд кард, ки рӯзҳои ташкилёбӣ ва барҳамхӯрии Комитети Фавқулоддаи Давлатӣ дар ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ воқеаҳои сиёсӣ рух доданд. Чунончи, 20 август Эстония, 24 август Украина, 25 август Белоруссия ва то охири ҳамин моҳ Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Молдова, Қиргизистон соҳибистиқлолии худро эълон намуданд. Ин чунин маъно дошт, ки амалан ИҶШС аз байн рафт ва онро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қонунӣ гардонидан лозим буд.

Воқеаҳои моҳи августи соли 1991 дар мамлакат бесарусомониро пурқувват намуда, раванди барҳамхӯрии ИҶШС-ро тезонд.

8 декабри соли 1991 дар Беловежск (наздикии Брест) сарварони Россия – Б.Н. Елтсин, Белоруссия – С.С. Шушкевич ва Украина – Л.М. Кравчук ҷамъ омада, дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил созишнома имзо карданд. Дар Созишнома омадааст, ки ИҶШС ҳамчун субъекти байналмилалӣ барҳам хӯрд.

18 декабри соли 1991 намояндагони Ҷумҳуриятҳо дар Шӯрои Олии ИҶШС изҳорот қабул намуданд, ки созишномаи Россия, Белоруссия ва Украина дар хусуси ташкил намудани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба инобат гирифта шавад. 21 декабри соли 1991 дар ш. Алма-Ато сарони ёздаҳ ҷумҳурӣ ҷамъ омада, Созишномаи Беловежскро дастгирӣ намуда, қарор карданд, ки бо ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ИҶШС фаъолияти худро қатъ мегардонад.

25 декабр Президенти ИҶШС М.С. Горбачёв ба воситаи телевизиони марказӣ баромад карда изҳор намуд, ки бо ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ӯ аз вазифаи Президенти ИҶШС даст мекашад.

Ҳамин тавр, ба ивази ИҶШС Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ташкил гардид, ки ба ҳайати он Россия, Белоруссия, Украина, Арманистон, Гурҷистон, Молдавия, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон дохил шуданд. ИДМ дар инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол саҳми худро бояд гузорад.

Он «бозсозие», ки аз ҷониби роҳбарони ҳизбию давлатии ИҶШС бо умеди ба амал баровардани дигаргуниҳои демократӣ дар ҷамъият бояд гузаронида мешуд, ба итмом расид. Натиҷаи

он пошхӯрии давлати сермиллати бузург ва аз байн рафтани мамлакати шӯравӣ гардид.

## 2. ШАРОИТИ ТАЪРИХИИ ТАШКИЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрд ва ҷумҳуриҳои он истиқлолиятро ба даст гирифтанд. Тоҷикистон то ташкилёбии ҷумҳурии соҳибистиқлол дорои заминаи мустаҳками иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ буд. Вазъи моддӣ ва маънавии шаҳрвандон низ хеле хуб буд. Аҳолии ҷумҳурӣ босавод ва дар ҳамаи соҳаҳои илму фарҳанг олимони забардаст, духтурону муҳандисони соҳибтаҷриба дошт. Захираҳои фаровони табиӣ, тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла пахтакорӣ, соҳаҳои гуногуни саноат барои боз ҳам беҳтар намудани некӯаҳволии халқ заминаи хуб ба шумор мерафт. Вале бо пош хӯрдани ИҶШС робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангии байни ҷумҳуриҳо, аз он ҷумла Тоҷикистон бо марказ канда шуда, вазъи иқтисодии мардум якбора ба пастӣ рафт. Хусусан дар ҷумҳурӣ маводи ниёзи мардум рӯз аз рӯз кам шуда, бо сабаби аз кор мондани корхонаҳои хурду калони саноатӣ, сафи бекорон меафзояд ва торафт маҳсулоти хӯрока ва молҳои саноатӣ қиммат мегардад. Дар мамлакат раванди ғайридавлатӣ гардондани боигарии халқ ба тариқи стихиявӣ ба амал омада, дорои камбудиҳои ҷиддӣ буд. Роҳбарияти ҷумҳурӣ низ нисбати сарвати халқ беэътиноӣ намуда, хусусан молу мулки объектҳои калони саноатиро ҳифз накард, дар натиҷа онҳоро дуздиданд, гурӯҳҳои сиёҳкорон дастгоҳҳо, мошинаҳоро мешикастанд ва оташ мезаданд.



*Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар ш. Душанбе*

Сониян, ҳаёти сиёсӣ ва маънавии ҷумҳурӣ низ хеле муташанниҷ гардид. Пеш аз ҳама мубориза барои ҳокимият, мансаб, ки дар байни ҳизбу созмонҳо ва шахсиятҳои алоҳида ҳанӯз аз замони бозсозӣ оғоз ёфта, баъд аз воқеаҳои нохуши моҳи феврали соли 1990 хеле тезу тунд гардид. Аз як тараф бай-

ни собиқ ҳизби ҳукмрони коммунистӣ ва аз тарафи дигар қувваи муттаҳидаи майлони рост: ҳизби демократии Тоҷикистон, ҳаракати халқии «Растохез», ҳизби наҳзати ислом, созмони «Лаъли Бадахшон» ва қозиёти ҷумҳурӣ то рафт мубориза авҷ гирифта, раванди бо роҳи осоишта демократикунонии мамлакат аз байн мерафт.

Ташкил ёфтани гурӯҳҳо ва маҳфилҳои сиёсии сершумор дар пойтахт ва ноҳияҳо вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳуриро боз ҳам мураккаб мегардонданд. Дар ибтидо хусусан клуби сиёсии «Рӯ ба рӯ», маҳфилҳо ва созмонҳои «Растохез», «Дирафши Ковиён», «Ошкоро», «Эҳёи Хуҷанд», «Бохтар», «Сугдиён», «Пайванд», «Куруши Кабир», «Зарафшон», «Ҳисори Шодмон», «Меҳри Хатлон» ва ғайра хело фаъол буданд. Мутаассифона, созмону маҳфилҳо таҷрибаи кофии бурдани муборизаи сиёсиро надоштанд. Сатҳи маданияти сиёсии шаҳрвандон, ки дар шароити сохтори якҳизбӣ ташаккул ёфта буд, паст буд. Бинобар он дар аввал хусусан насли наврас роҳҳои муборизаи сиёсиро дуруст нафаҳмида, ба корҳои ношоям даст заданд.

Бӯҳрони сиёсӣ хусусан бо ташкил ёфтани ду майдон «Шаҳидон» ва «Озодӣ», дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе, тезу тунд гардид. Ба воситаи баландгӯякҳо то рафт шиорҳои зидди коммунистӣ баланд садо медод, талаби ба истеъфо рафтани аввалин Президенти Ҷумҳурӣ Қаҳҳор Маҳкамов ҷиддӣ гузошта мешуд.

Маҳкамов Қаҳҳор 16 апрели соли 1932 дар ш. Хуҷанд дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Маълумоти техникӣ дошта, Омӯзишгоҳи индустриалии Душанбе (соли 1950) ва Донишкадаи кӯҳии ш. Ленинградро (соли 1953) хатм намуда, устои смена ва муҳандиси шахтаи Шӯроб шуда кор кардааст. Аз соли 1963 то соли 1982 аввал Раиси Госплан ва сипас ҷонишини Раиси Шӯрои Олии Вазирони РСС Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Қаҳҳор Маҳкамов котиби якуми КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон буд. Ва дар маҷлиси Шӯрои Олӣ 29 ноябри соли 1990 аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Қувваҳои сиёсии мухолифин ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани Қаҳҳор Маҳкамовро напазируфта, хусусан ноустувории авзои ИҶШС-ро истифода бурда, барои нотинҷ кардани ҷомеа ва ба даст даровардани ҳокимият шадидан мубориза бурданд.

Бо мақсади рух надодани хунрезӣ Қ. Маҳкамов ба истеъфо рафта, Қадриддин Аслонов вазифаи иҷрокунандаи президентро

ба ӯҳда гирифт ва фармонро оид ба манъ намудани фаъолияти ҳизби коммунистӣ интишор намуд. Дар ҳамин вақт Раиси комиҷрояи ш. Душанбе М. Икромов, зери фишори қувваҳои рост, фармонро дар хусуси кандани пайкараи В.И. Ленин – асосгузори давлати Шӯравӣ ва ҳизби коммунистӣ – дар митинги серодам хонда дод. Чунин муносибат ва кирдор вазъиятро дар пойтахт ва ҷумҳурӣ боз ҳам мураккаб гардонид.



***Ходими давлатию ҷамъиятӣ Қаҳҳор Маҳкамов***

Бояд қайд кард, ки дар муташанниҷ гардидани вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ хориҷиён низ саҳм гузоштанд. Масалан, бе таклифи расмӣ мери шаҳри Санкт-Петербург Анатолий Собчак ва академики соҳаи физикаи ядроӣ Евгений Велихов 6 – 9 октябри соли 1991 ба Душанбе омада, ба ҷои ором кардани вазъият, баръакс, гирифта партофтани пайкараи Ленинро дастгирӣ намуданд. Даҳолати маънавӣ ва моддӣ ба Тоҷикистон низ аз ҳудуди Афғонистон ва Эрон мерасид.

Хушбахтона, кулли мардуми тоҷик шароити таърихии фароҳам омадаро дастгирӣ карда якдилона пешниҳод намуданд, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон барпо карда шавад. Ҳақиқат ғалаба намуд, роҳ баҳри эҳё кушода шуд, орзуи бисёрасраи халқи тоҷик тантана намуд.

Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуда, рӯзи 9 сентябрро чун санаи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кард ва онро рӯзи истироҳат эълон намуд.

Ҳамин тавр, дар як шароити вазнини таърихӣ, новобаста аз мушкилиҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, алалхусус рақобати мансабӣ ва ташкил ёфтани ҷамъияту созмонҳои мухталиф, халқи тоҷик соҳиби ҷумҳурии соҳибистиқлоли худ гардид. Ин воқеа дорои аҳамияти оламшумули таърихӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов қайд мекунад, ки «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих бу-

да, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад».

## 3. ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ ТАҚДИРСОЗ



*Ходими давлатию ҷамъиятӣ Раҳмон Набиев*

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ, тавлид ёфта, ҳаёти навини худро оғоз намуд. Вале дар чунин давраи хассос қувваҳои гуногуни сиёсӣ роҳҳои ғайриконститутсиониро пеш гирифта, гирдиҳамоии шадидро давом дода, соҳибистиқлолии ҷумҳуриро зери хавф ва хатар гузоштанд.

Ҳарчанд ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ Раҳмон Набиев интихоб шуда[2], баҳри аз байн нарафтани Ҷумҳурии соҳибистиқлол роҳи мусолиҳаро пеш гирифта бошад ҳам, аммо гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ авзои мамлакатро то рафт ноором мегардонданд. Вазъият чунон мураккаб гардид, ки Р. Набиев маҷбур шуд дар арафаи интихоботи президентӣ ваколатҳои Раиси Шӯрои Олиро боз дорад. Ва ниҳоят 24 ноябри соли 1991 ба таври умумихалқӣ Р. Набиев президенти мамлакат интихоб шуд. Аммо дар ҷумҳурӣ, хусусан дар сохтори болои, дар Парлумон ва Ҳукумат се гурӯҳи гуногун ташаккул ёфта буд. Гурӯҳи аввал – онҳое, ки адои вазифа доштанд, гурӯҳи дуюм – такя ба умеду дастгирии қувваҳои беруна ва самаранок истифода бурдани тарзи зӯроварӣ мекарданд; гурӯҳи сеюм – онҳое, ки мавқеи бетарафиро пеш гирифта, интизори ғолиб гаштани қувваҳои му-

[2] Набиев Раҳмон 5 октябри соли 1930 дар деҳаи Шайхбурҳони ноҳияи Хуҷанд дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1949 Омӯзишгоҳи хоҷагии кишлоки ш. Хуҷанд ва соли 1954 Донишкадаи ирригатсия ва механизатсияи кишоварзии ш. Тошкандро хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз ҳисобчии колхоз оғоз ёфта, сипас дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ ва шӯравӣ кор кардааст. Солҳои 1973-82 Раҳмон Набиев Раиси Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон ва аз соли 1982 то соли 1990 дар вазифаи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон кор карда, дар ободу зебо гардидани ҷумҳуриамон саҳм гузоштааст. Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон Р. Набиев ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ ва 24 ноябри соли 1991 бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда буд.

боризабаранда буданд ва мехостанд бо ин роҳ соҳиби мансаб гарданд.

Гурӯҳҳои ғайриконститутсионӣ, ки ба ҷумҳурии соҳибистиқлол хатарнок буданд, ба истеъфои шахсони олимақом таъсири худро расонда тавонистанд. Дар як давраи кӯтоҳ дар Тоҷикистон раисони Шӯрои Олӣ, аз ҷумла Қ. Аслонов, С. Кенҷаев, А. Искандаров аз вазифаашон сабукдӯш карда шуданд. Ва оқибат нерӯҳои оппозитсионӣ барои пеш бурдани фаъолияти Президенти Ҷумҳурӣ Р. Набиев халал расонданд. Ҳатто баъзе ташкилотҳои қудратӣ низ мақоми бетарафиро ишғол намуда, дар охир ӯро аз вазифааш сабукдӯш карданд.

Ҳамин тавр, бо роҳи ғайриконститутсионӣ моҳи майи соли 1992 зери фишори сахти мухолифин Ҳукумати муросои миллӣ ташкил ёфт. Мутаассифона, ин ҳукумат аз ӯҳдаи вазифааш набаромад ва дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд.

Мардуми бегуноҳи ҷумҳурӣ бо қатъият талаб мекарданд, ки ин вазъияти тоқатнофарсо зудтар барҳам дода шавад. Дар чунин шароити мураккаб, ки сухан дар бораи будан ва ё аз байн рафтани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон мерафт, даъват намудани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ (даъвати дувоздаҳум) ва аз вартаи бӯҳрони сиёсӣ баровардани мамлакат вазифаи аввалиндараҷа гардид.

Дар чунин вазъияти хассос кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар қасри фарҳангии Арбоби хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Урунхӯҷаеви Хуҷанди бостонӣ гузаронида шуд. Аз 230 нафар вакилони халқ 193 нафар дар кори иҷлосия иштирок намуданд.

Рӯзномаи Иҷлосия 23 масъаларо дар бар гирифта буд. Аз ҷумла: Мурожиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; Дар бораи тартиби ба ҷои истиқомати муқимиашон баргаштани гурезаҳо; Дар бораи Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистон; Дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар бораи авфи умумӣ; Дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо додани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ; Дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра буда, аз рӯи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардидаанд.

19 ноябри соли 1992 Иҷлосия Акбаршо Искандаровро аз вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ озод карда, Эмомалӣ Раҳмоновро бо овоздиҳии пинҳонӣ ба ин вазифаи басо дар он вазъият мураккаб

интихоб намуд. Иҷлосия инчунин Ҳукумати нави Тоҷикистонро ташкил дод.

Э.Ш. Раҳмонов дар давраи басо мушкил, ки дар ҷумҳурӣ ҷанги бародаркушӣ ба амал омада буд, тавонист тамоми қувваҳои пешкадами сулҳпарварро дар гирду атрофи худ муттаҳид намояд. Ӯ бо суханони барномавии худ дар назди депутатҳо баромад намуда, қасам ёд кард, ки тамоми қувваи худро ва агар лозим шавад ҷони худро фидо менамояд, то ки дар Тоҷикистон сулҳ ва оромӣ пурра пойдор гардад. Зодаи Хатлонзамини бостонӣ, деҳқони асил ва марди бузург дар чунин вазъияти мураккаб ба сари қудрат омад ва ба ваъдааш вафо кард.

Дар Хуҷанди бостонӣ вакилони мардумӣ дар Иҷлосияи-XVI-ум барои тақдири минбаъдаи Тоҷикистон, ба охир расидани ҷанги бародаркуш, ба даст даровардани сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ, барпо намудани ҳукумати конститутсионӣ кӯшишҳои зиёд намуданд.

25 ноябри соли 1992 роҳбари фронти халқӣ С. Сафаров ва намояндаи мухолифин Ҷ. Буйдоқов дар Иҷлосия баромад карданд. Э.Ш. Раҳмонов роҳбарони гурӯҳҳои яроқдорро даъват намуд, ки ҷанги бародаркушро бас кунанд ва ватанро аз вартаи ҳалокат нигоҳ доранд.

Пас аз ба охир расидани Иҷлосия ҳукумати нави Тоҷикистон кори худро дар Душанбе сар кард. 12 декабри соли 1992 Ҳукумати Тоҷикистон ба шаҳрвандон муроҷиат намуда, нақшаи асосии сохтмони ҷомеаи демократиро муайян кард.

Иҷлосия XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти таърихӣ мебошад. Вай барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти мамлакат, ваҳдати миллӣ замина гузошта, дар кишвар ба раванди бунёдкорӣ оғоз бахшид ва симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмиллалӣ муаррифӣ намуд. Орзуи халқи тоҷик оиди барпо намудани ҷумҳурии соҳибистиқлол ҷомаи амал пӯшид ва аз соли 1992 Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардида, 190 мамлакати ҷаҳон истиқлолияти онро эътироф кард.

# САРЧАШМА ВА МАВОДИ ИЛОВА

## РАМЗҲОИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



*Парчами Давлатии Тоҷикистон*

Парчами давлатии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳоди вайроннашавандаи коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои сокини ҷумҳурӣ мебошад.

Парчами давлатии Тоҷикистон матои росткунҷаест, ки аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат аст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он бо рахи поёни сабз баробар мебошад, рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз рахҳои ранга аст. Рӯи рахи сафед, дар мобайни парчам бо зарҳал рамзи тоҷи тансиқшуда ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира кашида шудааст. Мутобиқати бару дарозии умумии парчам 1:2 аст.

Тоҷ ва ситораҳои парчам дар шакли росткунҷа ҷой дода шудаанд, ки паҳлӯи амудиаш 0,8 ва паҳлӯи уфуқиаш 1,0-и паҳнои рахи сафед аст. Ситораҳои панҷгӯша ба доираҳои қутрашон 0,15 ва ба қавси радиусаш 0,5-и паҳнои рахи сафед кашида мешаванд.

Тоҷ, ки баландиаш баробари 0,55 паҳнои рахи сафед аст, дар пояаш ба қавси радиусаш 1,2 бари рахи сафед қатъ мешавад. Чор унсури камоншакл, ки тоҷро зеб медиҳанд, дар мобайн бо як қисми доира оро мёёбанд, ки қутри он баробари 0,2 бари рахи сафед мебошад.

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



*Нишони давлатии Тоҷикистон*

Нишони давлатии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳоди вайроннашавандаи коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстию бародарии тамоми халқҳои сокини ҷумҳурӣ мебошад.

Нишони давлатии Тоҷикистон аз тасвири тоҷ ва ҳафт ситораи дар шакли нимдоира ҷойгиршуда, дар партави нурҳои офтобии аз паси кӯҳҳо бароянда иборат буда, атрофашро аз тарафи рост хӯшаҳои гандум ва аз та-

рафи чап шохаҳои пахтаи шукуфон иҳота кардааст. Болои чамбара бо тасмаи сераха печонда, хошиябандӣ шуда, дар қисми поён рӯи курсӣ китоби боз ҷойгир шудааст.

Нишони давлатии Тоҷикистон ранга буда, тоҷ, офтоб, кӯҳҳо, хӯшаҳои гандум, китоб ва курсӣ ба ранги зарҳалӣ тасвир шуда, появу баргҳои ниҳолҳои пахта, сабз, тасма аз рангҳои сурх, сафед ва сабз иборат буда, муқоваи китоб сурх мебошад.

*Маҷлиси Олии (Парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санкт-Петербург, 1998. – С.51, 53*

## СУРУДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ*
*Оҳанги Сулаймон Юдаков*

Нигаред ба саҳифаи аввали китоб (форзатс).

***САВОЛҲО ВА СУПОРИШ:***

*Сабабҳои пошхӯрии ИҶШС дар чист?*

*Заминаҳои асосии ба амал омадани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон кадомҳоянд?*

*Президентҳои аввалини Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон киҳо буданд?*

*Чаро Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд гузаронида шуд?*

*Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чӣ иборат аст?*

*Бӯҳрони ҳокимияти Тоҷикистонро дар солҳои 1990-1992 таҳлил намуда, роҳҳои ҳалли онро нишон диҳед.*

***Мавзӯъҳо барои навиштани реферат:***

–Сабабҳои пошхӯрии ИҶШС ва оқибатҳои он.

–Ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он.

–Ташкилёбии Давлатҳои Мустақил ва ба он дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон.

–Иҷлосияи таърихии тақдирсоз.

–Симои сиёсии президентҳои аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қ. Маҳкамов, Р. Набиев ва Э. Раҳмонов.

# БОБИ 7.
# ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ. СУЛҲ ВА ВАҲДАТ ДАР САРЗАМИНИ ТОҶИКОН

## 1. САБАБҲОИ САРШАВӢ ВА РАФТИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

**Заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ**

Воқеаҳои фоҷиавии аввали солҳои 90-уми ҷумҳурӣ ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик дохил гардидаанд. Ин воқеаҳо дар матбуоти даврӣ, китобу мақолаҳо бо чунин номҳо «ҷанги бародаркуш», «ҷанги шаҳрвандӣ», «ҷанги минтақавӣ», «ҷанги худкушӣ» ва ғайра баён ёфтаанд.

Ҷанги ба вуқӯъ омада сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дошт. Аввалан, дар рафти бозсозӣ чӣ дар миқёси Иттифоқ ва чӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои иқтисодӣ ба амал омаданд. Аз кор мондани баъзе корхонаҳо, ба фурӯш нарафтани маҳсулот, сари вақт нагирифтани маош, зиёд шудани миқдори бекорон то рафт норозигиро дар минтақа бештар мекард. Сониян, дар ибтидои солҳои 90-ум норозигии иҷтимоӣ шиддат гирифта, мардуми баъзе ноҳияҳо ба хӯрок, либос, пойафзол мӯҳтоҷӣ мекашиданд. Тоҷикистон аз ҷиҳати афзоиши аҳолӣ дар ҷои аввал меистод, вале ба таъминот ва хизматрасонии маишӣ, тиббӣ, алалхусус нисбати кӯдакон дар деҳот, начандон диққат дода мешуд. Сол аз сол фавти кӯдакон меафзуд.

Ноҳамвории тараққиёт, сӯиистеъмоли вазифа ва вайрон кардани қонуният дар маҳалҳо, инкишофи ришвахӯрӣ, дуздӣ низ норозигии халқро бештар мекард. Ҳамин тавр, заминаҳои воқеаҳои фоҷиавӣ пухта расида, ба сар задани он як шӯъла лозим буд.

Бодиққат омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ ба хулоса овардананд, ки омилҳои асосии рух додани ҷанги шаҳрвандӣ инҳоянд:

Якум, таъсири бӯҳрони сиёсие, ки дар мамлакат ба амал омада буд. Хусусан, пас аз пароканда шудани сохтори ҷаҳонии сотсиалистӣ, таҳдиди барҳам хӯрдани давлати ягонаи ИҶШС рӯз аз рӯз зиёд гардид, дар маҳалҳо тамоили соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ шиддат ёфт.

Ба сар задани ҷанги шаҳрвандӣ инчунин омилҳои зерин мусоидат намуданд: бӯҳрон дар ҳизби коммунистӣ ва аз сари қудрат рафтани он; ба амал омадани сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ, риоя накардан ба тартиботи ҷамъиятӣ ва поймол кар-

дани қонунҳо; пош хӯрдани ИҶШС ва фалаҷ гардидани корҳои идеологии ҳизби коммунистӣ, паст рафтани сатҳи маданияти сиёсии шаҳрвандон.

Дуюм, сохтори тоталитарию бюрократии коммунистӣ, ки дар рафти бозсозии мамлакат пурра ташаккул ёфта буд, ба тараққиёти баробарии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мусоидат накард. Хусусан минтақаҳои кӯҳистон нисбати водӣ аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ хеле қафо монданд. Ҳукумати умумииттифоқӣ дар навбати худ дар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, фарҳангу маданият ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нобаробар кӯмак мерасонд. Дар натиҷа нақшаҳои панҷсолаҳои охирини Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро нагардида, сохтмони объектҳои калон аз қабили ГЭС-и Роғун ва ғайра нотамом монда, дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ талаву тороҷ гардиданд.

Дар Тоҷикистон 70 фисади аҳолиро ҷавонон ташкил медоданд. Аксарияти мардум дар деҳот истиқомат мекарданд ва мутаассифона, бо касбу ҳунар ва ҷои кор таъмин набуданд. Чунин вазъият то рафт норозигии шаҳрвандонро зиёд намуд, ҳизбу созмонҳои оппозитсионӣ барои татбиқ намудани мақсади хеш кӯшиш мекарданд онро истифода баранд.

Сеюм, дар баробари омилҳои объективӣ мавқеъ ва мақоми омилҳои субъективӣ дар рух додани ҷанги шаҳрвандӣ ҷои муайянро ишғол мекарданд. Дар идоракунии давлатӣ низ камбудиҳои ҷиддӣ мушоҳида карда шуда, дар сохтори номенклатураи ҳизбӣ хатоҳои ҷиддӣ, аз ҷумла нодурустии ҷо ба ҷо гузории кадрҳои роҳбарикунанда дида мешуд ва ба вазифаҳои муҳими давлатӣ таъйин шудани шахсони камлаёқат ва хусусан, хешу таборчигӣ, маҳалгароӣ ҷой дошт.

Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ сол аз сол бо ном «модарони миллат», «падарони миллат» роҳи иртиҷоиро пеш гирифта, зери шиори барои «фарҳанги аҷдодӣ!» тамоили эронпарастиву миллатгароиро авҷ гиронда, пояҳои сохтори сиёсии ҷумҳуриро торафт суст мегардонданд.

Дар раванди демократикунонии ҷамъият, ошкорбаёнӣ аҳзоби нави сиёсӣ, аз ҷумла демократҳо ва исломиён ба майдон омаданд, ки аз норозигиҳои бавуқӯъомада истифода бурда, мехостанд барномаҳои худро татбиқ намоянд. Пӯшида нест, ки ба ин кор як гурӯҳ қувваҳои хориҷӣ ҳам даст зада, дар ба амал омадан ва авҷи ҷанги шаҳрвандӣ ҳиссаи худро гузоштанд.

Баъд аз воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 ҳизби наҳзати ислом аз пинҳонкорӣ баромада, мунтазам дар якҷоягӣ бо дигар

аҳзоби демократӣ байни шаҳрвандон кори сиёсиро пеш гирифт. Он аз 26 март то 17 маи соли 1992 митинги фавқулоддаро дар майдони Шаҳидон ташкил намуд, ки вай дар зери шиорҳои сиёсии зидди ҳукумат ва дастгирии ислом мегузашт. Мубориэон бо митинг маҳдуд нашуда, аъзоёни Ҳукумат ва Парлумонро гаравгон гирифтанд. Дар ҷавоб моҳи майи соли 1992 дар майдони Озодӣ митинг барпо гардид, ки вай мавкеи ҳокимияти конститутсиониро дастгирӣ намуда, раиси ҷумҳурро химоя мекард. Дар натиҷа дар рафти он муқовимат аввалин кушторҳо ба амал омаданд.

Бозсозӣ барои ба амал омадани сохтори бисёрҳизбӣ шароити хуб муҳайё намуд. Дар як муддати кӯтоҳ дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон созмонҳо, клубҳо ва ҳаракатҳои гуногун: «Ваҳдат» дар Конибодом, Истаравшан (Уротеппа), «Ошкоро» дар Кӯлоб, «Маърифат» дар Душанбе, ҳаракати «Растохез», клуби «Рӯ ба рӯ» ва ғайра ташкил ёфтанд.

12 декабри соли 1990 аз тарафи Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи Иттиҳодияҳои ҷамъиятии РСС Тоҷикистон» қарор қабул гардид, ки вай бо роҳи ошкоро амал намудани ҳизбу созмонҳо замина муҳайё кард. Дар натиҷа даҳҳо ҳизбу созмонҳо ошкоро фаъолият намуданд. Ҳизбу созмонҳои нав дар вазъияте ташкил ёфтанд, ки дар ҷомеа тезутундшавии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба амал омада буд, ки бештари онҳо натавонистанд сиёсати дурусти созандагиро пеш гиранд. Ҳарчанд Барнома ва Оинномаи ҳизбу ҳаракатҳо ҳадафҳои нек доштанд, вале дар ташаккули ҷомеаи демократӣ, мутаассифона, саҳми худро гузошта натавонистанд. Баръакс, як қисми онҳо роҳи ғайри конститутсиониро пеша гирифта, бо роҳи зӯрӣ ҳокимиятро ба даст гирифта, мехостанд давлати исломиро барпо намоянд.

Бо мақсади ҷорӣ намудани ин ҳадаф коалитсияи якҷояи Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, созмони «Лаъли Бадахшон» ва Қозиёти ҷумҳурӣ «Ситоди наҷоти Ватан»-ро бо сарварии Шодмон Юсуфов ташкил дода, вазъиятро дар пойтахт муташанниҷ гардонда, заминаҳои ҷанги шаҳрвандиро ба амал оварданд.

Бар хилофи амалиёти табаддулотчиён дар ш. Душанбе, вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа, водии Ҳисор ва вилояти Ленинобод баҳри мудофиаи сохти конститутсионӣ ҳаракати мардумӣ

таъсис доданд. Дар саргаҳи ин ҳаракат Сангак Сафаров[1], Сафаралӣ Кенҷаев, Рустам Абдураҳимов, Файзулло Абдуллоев, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов ва дигар қумондонҳо меистоданд. Ҷабҳа намояндагии миллатҳои гуногуни ҷумҳурӣ: тоҷикон, ӯзбекон, русҳо ва ғайраро дар бар мегирифт.

Хусусан вақте, ки 25 марти соли 1992 дар ҷаласаи Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ фаъолияти вазири умури дохила М. Навҷувонов муҳокима ва пешниҳод шуд, ки аз кор сабукдӯш гардад, қувваҳои мухолифин ба ин қарор эътироз карданд. Онҳо 26 марти соли 1992 дар майдони Шаҳидон гирдиҳамоӣ ташкил намуданд, ки вай қариб 50 рӯз давом кард. Дар рафти гирдиҳамоӣ силоҳдорони мухолифин аввал депутатҳои Шӯрои Олӣ, аъзои ҳукуматро гаравгон гирифта, сипас студияи телевизион, вокзали роҳи оҳан, майдони ҳавоӣ ва дигар идораҳои давлатиро зери тасарруфи худ гирифтанд.

Қумондони гвардияи раиси ҷумҳур, генерал Б. Раҳмонов низ бо лавозимоти калони оташфишонӣ ба тарафи мухолифин гузашт. Ҳарчанд Вазорати умури дохила бетарафии худро эълон карда бошад ҳам, вале амалан оппозитсияро дастгирӣ мекард. Бо таҳдиди қувваҳои мухолифин раиси парлумон Сафаралӣ Кенҷаев аз вазифааш сабукдӯш карда шуда, ба ҷояш Акбаршо Искандаров интихоб гардид.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳайати ҳукумати нав таъсисёфтаи «Мусолиҳаи миллӣ» ҷойҳои асосиро қувваҳои оппозитсионӣ ташкил медоданд. Моҳи майи соли 1992 оппозитсия амалан табаддулоти давлатӣ карда, дар пойтахти ҷумҳурӣ идораҳои калонро ба зери тасарруфи худ гирифт. Раиси қонунии ҷумҳур Раҳмон Набиев аз тарафи мухолифин гаравгон гирифта шуда, амалан вазифаи худро иҷро карда наметавонист.

### Рафти амалиётҳои ҷангӣ

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз моҳи майи соли 1992-юм сар карда задухӯрди байни ду қувваи бо ҳам зид оғоз ёфт ва аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳазорҳо хонаҳои истиқоматӣ, корхонаҳо сӯхта валангор гаштанд, гаравгонгирӣ ва қатли

[1] Сангак Сафаров – зодаи Шуғнови ноҳияи Ховалинг буда, соли 1928 таваллуд ёфтааст. Падараш Пирназаров Сафар ҳанӯз дар солҳои 30-ум ҷун муҳандис дар кони тиллои Шуғнов кор кардааст. Пас аз вафоти падар ва модар ӯ хонданро тарк карда, баҳри рӯзгузаронӣ корҳои гуногунро иҷро намудааст. Ӯ табиатан ҳақиқатпараст буд ва барои амалиётҳои ғайриматлубаш ҳабс ҳам шуда буд. Чун сарвари Ҷабҳаи Халқии Тоҷикистон дар байни мардум обрӯи калон пайдо намуд. Мутаассифона, 30 марти соли 1993 аз тарафи шахсони номаълум кушта шуд.